Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

17 июли соли 2002. Чоршанбе № 54 (12796)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

Ҷаласаи маҷмӯъҳои Девони Вазирон

Маҷлиси Маҷмӯи агросаноати Девони Вазирон бахшида ба натиҷаҳои фаъолият дар тӯли шаш моҳи соли кунун ва вазифаҳои минбаъда ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об Н.Юсуфов гузашт.

Зикр ёфт,ки ислоҳоти аграрие, ки дар мамлакатамон таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов собитқадамона амалӣ гардонда мешаванд, натиҷаҳои хуби худро мебахшад.

Мӯътадилии иқтисодӣ дар низоми Агросаноат ба даст омад. Дар тамоми хоҷагиҳо ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ба нархҳои қиёскунанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4,5 фоиз афзуд. Аз он ҷумла, маҳсулоти саноати 1,4 фоиз, молҳои истеъмоли халқ 10,9 фоиз зиёд истеҳсол гардиданд. Ҳаҷми маҳсулоти чорво ҳам муттасил меафзояд.

Дар айни замон қайд гардид, ки на ҳамаи вазорату идораҳо, ҳокимиятҳои вилоятҳо заминҳои корам, захираҳои об ва дигар имкониятҳои истеҳсолотӣ, қувваи корӣ, нерӯи техникӣ ва илмиро босамар истифода мебаранд. Суръати корҳо оид ба тайёркунии техникаи кишоварзӣ, алалхусус тракторҳои заминрон ва мошинҳои пахтачин паст мебошад. Ва он ба шудгори замине, ки аз ғалла холӣ гардидааст, додани нуриҳо ва кишти зироати такрорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар маҷлис диққату эътибори асосӣ ба масъалаи суръатфизоии минбаъдаи рушди иҷтимоиву иқтисодии соҳаи аграрӣ нигаронда шуд.

ххх

Маҷлиси Маҷмӯи оид ба масъалаҳои алоқа ва технологияҳои иттилоотиву телекоммуникатсияҳои Девони Вазирон низ бахшида ба натиҷаҳои нимсола ва вазифаҳои минбаъда ба амал омада, таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон А.Орипов гузашт.

Дар он қайд гардид, ки коркунони соҳа дар айёми сипаришуда корҳоро оид ба амиқ гардондани рафти ислоҳоти иқтисодӣ, аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии амвол, ба вуҷуд овардани муҳити рақобат, рушду таҷдиди шабакаҳои почтаву телекоммуникатсияҳо, инкишофи бозори захираҳои иттилоотӣ собитқадамона давом доданд.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (хизматрасонӣ) нисбати ҳамин давраи соли гузашта 12,9 фоизро ташкил дода, азхудкунии маблағгузории асосӣ нисбати нақшаи дурнамо 106,5 фоиз баробар шуд. Ҳаҷми содироти хизмат афзуд. 9 корхонаи муштарак бомуваффақият фаъолият дорад. Дар бобати фурӯхтани саҳмияҳо ба сармоягузорони хориҷӣ, амалӣ гардондани вазифаҳои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо корҳои муайяне ба иҷро расиданд.

Мувофиқи фармони Президенти мамлакат ва қарори ҳукумати ҷумҳурият фаъолияти асосии маҷмӯъ алҳол барои ба вуҷуд овардани Низоми миллии бо иттилоотфарогирӣ, дар иқтисодиёт ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ васеъ татбиқ намудани технологияҳои замонавии иттилоотӣ, техникаи компютерӣ ва воситаҳои телекоммуникатсияҳо, бештар қонеъ гардондани талаботи пайваста афзояндаи шаҳрвандон ба иттилоот, ҳамчунин фароҳам овардани шароит барои ворид гардидан ба ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ ва вусъат додани имкониятҳои истифодабарии захираҳои он нигаронда шудааст.

Баробари ин дар маҷлис камбудиҳо ва хатоиҳои роҳгузошта ҳамаҷониба таҳлил гардида, тадбирҳои барҳам додани онҳо андешида шуданд.

(ӮзА).

Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 15 июл дар қароргоҳи Оқсарой ҳайати вакилони намояндагони «Миссияи энергетикии Роҳи абрешим»-ро таҳти сарпарастии ёвари калони вазири умури хоричаи Чопон Сэйкен Сугирио пазируфт.

—Номгузории миссия, ки бо ташаббуси Нахуствазири Чопон Дзюнъитиро Коидзуми созмон ёфтааст, худ аз худ мақсади онро рӯшан ифода мекунад,—гуфт ҳангоми мулоқот Ислом Каримов.—Он чиз боиси диққату эътибор аст, ки дар таркиби миссия баробари намояндагони Ҳукумати Чопон, доираҳои корчаллону академикиён он одамоне ҳузур доранд, ки дар Ӯзбекистон маълуму машҳур ҳастанд ва соҳиби таҷрибаи бои ҳамкорӣ бо мамлакати мо мебошанду намояндагони бонкҳову ширкатҳо ба ҳисоб мераванд.

Моҳи апрели соли кунун дар анҷумани мамолики Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Боаои Чин ба амал омад, Нахуствазири Чопон Д.Коидзуми зикр намуд, ки ҳамгароии мамлакатҳои минтақаамон дар раванди ҳамкории иқтисодӣ бо тамоми Осиёи Шарқӣ ва бобати рушди равобит бо Чопон нақши муҳимро мебозад. Барои амалӣ гардондани ин ташаббус «Миссияи энергетикии Роҳи абрешим» оид ба омӯзиши дурнамои ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика созмон дода шудааст.

Муносибатҳои байни Ӯзбекистон ва Чопон дар ҳамаи соҳаҳо босуръат инкишоф меёбад. Гуфтан лозим ҳаст, ки ҳоли ҳозир ба иқтисодиёти Ӯзбекистон сармояҳои чопонӣ дар ҳаҷми 1,6 миллиард доллари Амрико ҷалб гардидаст. Ҳаҷми умумии кӯмаке, ки дар доираи барномаи ҳукуматии «Кӯмаки расмӣ барои рушд» расонда мешавад, аз 100 миллион доллари ИМА гузашт аст. Қариб дар ҳамаи лоиҳаҳои муштарак мамлакатамон сармоягузорони чопонӣ иштирок менамоянд. Дар соҳаи сиёсӣ мамлакатҳои мо аз рӯи бисёр масъалаҳои байналхалқӣ мавқеи умумиро моликанд, ба ҷуз ин Ӯзбекистон ташаббускори он аст, ки Чопон ба қатори аъзои доимии Шӯрои Амнияти СММ дохил гардад. Ӯзбекистон ва Чопон саъю кӯшиши ҳамдигарро дар бобати мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ дастгирӣ мекунанд ва дар ин бобат ҳамдигарро ҳаматарафа ҷонибдорӣ мекунанд.

Дар рафти мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой рушди ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Чопон дар соҳаи энергетика, ҳамчунин масъалаҳои алоқаманди доманадор кардани миқёси равобити байниҳамдигарӣ дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

(ӮзА).

Рамзи эътирофи бузург

Бо ташаббуси Президент Ислом Каримов кураши ӯзбек дар саросари ҷаҳон васеъ паҳн мегардад, шӯҳрат пайдо мекунад. Ва ин намуди фарҳундаи варзиши миллии мо дар мусобиқаҳо ва вохӯриҳои байналхалқӣ мақоми муҳимро ишғол менамояд.

Ҳамаи моро бешак он вазъияте хурсанд мегардонад, кураш, ки дар худ анъаноти асрҳоро таҷассум гардондаасту аз ғояи инсонпарварӣ саршор мебошад, бо қоидаҳои адолатноки худ, усулҳои ба худ хосаш ба эҳтирому эътирофи бисёр халқҳо мушарраф гардидааст. Ва чунин калимаҳои ӯзбекӣ, аз қабили «ҳалол», «ёнбош», «чала» дар забони халқҳои мухталиф баланд садо медиҳанд. Билохир, эътирофи кураш дар доираи ҷаҳонӣ на танҳо фахру ғурур барои Ӯзбекистон, балки барои тамоми халқҳои Шарқ ба ҳисоб меравад.

Мусобиқоти навбатии ҷаҳон аз рӯи кураш, ки дар қитъаҳои Осиё ва Африко ба амал омаданд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки санъати варзишии асрҳои асри халқамон арзиши умумиинсонӣ мегардад. Махсусан мусобиқаи занон дар мусобиқоти дуюми қитъаи Африқо боиси майлу завқи калон гардид. Ва он аз имкониятҳои адонашавандаи кураши ӯзбек гувоҳӣ медиҳад, ки аз арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам ҷо пайдо кардааст.

Махсус зикр кардан лозим мааяд, ки дар се соли охир федератсияи кураш дар панҷоҳу шаш мамлакати ҷаҳон созмон ёфт. Ва намуди мазкури варзиш дар ИМА, Британиёи Кабир, Чопон, Австралия, Канада, Бразилия, Ҳиндустон васеъ паҳн мегардад. Мусобиқоти Осиё, Аврупо ва ҷаҳон, ки дар гӯшаҳои мухталифи ҷаҳон ба амал меоянд, на танҳо дар китоби варзиш саҳифаҳои навро боз мекунанд, балки бисёр варзишгаронро ҳам маълум месозанд, ки дорои қобилияти ҳудодод мебошанд.

Дар мусобиқоти ҷаҳон гӯштингирон ба майдон бо таъзими ӯзбекона мебароянд. Мутахассисон дар ин бобат изҳори боварӣ мекунанд, ки дар ояндаи наздик кураш аз барномаҳои бозиҳои Олимпӣ ҷо пайдо мекунаду намуди аз ҳама махбубу оммавии варзиш мегардад ва дар айни замон ба рамзи дӯстии умумиинсонӣ мубаддал меёбад.

Имрӯзҳо дар қитъаҳои Осиё, Аврупо, Амрико, Африқо фаъолияти конфедератсияи кураш пурзӯр гардидааст.

Ба қарибӣ кумитаи ичроияи Ассотсиатсияи байналхалқии кураш (ҒКА) бо назардошти таҷрибаи Чунбиши байналхалқии олимпӣ, аз паи мақсади неки минбаъда паҳну баланд бардоштани мақоми кураши ӯзбек дар доираи ҷаҳонӣ, минбаъда дохил кардани он ба барномаи бозиҳои Олимпӣ мукофоти олии худ—Ордени тиллои Ассотсиатсияи байналхалқии курашро таъсис дод.

Мувофиқи Низоми он бо мукофоти мазкури воло арбобони давлатӣ, ташвиқотгарони фаъоли кураш барои хизматҳои калонашон дар паҳнкунии намуди мазкури варзиш дар доираи ҷаҳонӣ тақдир карда мешаванд. Мувофиқи таклифи ноиби Президенти Ассотсиатсияи байналхалқии кураш, ноиби Президенти конфедератсияи кураши қитъаи Амрико ҷаноби Эдгар Клауре кумитаи ичроияи ассотсиатсия қарорро дар хусуси муносиб қадр кардани хизматҳои калон дар рушди кураши ӯзбек дар доираи ҷаҳонӣ қабул кард ва мувофиқи он аввалин ин мукофоти воло ба Президенти фахрии Ассотсиатсияи байналхалқии кураш, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дода мешавад.

Дар мактубе, ки ба ҳамин муносибат кумитаи ичроияи Ассотсиатсияи байналхалқии кураш ба унвони Президент Ислом Каримов ирсол кардааст, аз он ҷумла чунин сатрҳоро мутолиа мекунем:

«Бо ҷонибдории бевоситаи Шумо, дар тӯли се соли аввали арзи ҳастии ҒКА вай ба ташкилоти байналхалқии варзишии мустақил мубаддал гардид, дар фурсати кӯтоҳ ба дарачаи ҳайратовар оммавӣ гардида, дар саросари дунё ба сифати навъи нави байналхалқии варзиш эътирофи ҳудро пайдо намуд».

Бо ордени тиллои Ассотсиатсияи байналхалқии кураш мукофотонидани сарвари давлатамон боз як эътирофи байналхалқии корҳои бузурге мебошад, ки дар мамлакатамон оид ба паҳн кардани варзиш ба иҷро расонда мешаванд.

(ӮзА).

Шарҳи рӯзнома

Ғалла бошад, сурӯд ҳам мешавад

Шиори мазкур, ки як вақтҳо хеле маъмул буд, имрӯзҳо низ аҳамияти худро гум накардааст ва дар бобати тайёркунии ғалла меҳнаткашони саҳроии ҷумҳурият, алалхусус пудратчиён, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ қадамҳои дилпурона мегузоранд. Онҳо навъҳои тезпазу серҳосили ғалладонаро парвариш намуда, сол то сол ҳаҷми тайёркунии ғалладонаро вусъат медиҳанд. Ва инро далели ба давлат фурӯхтани 2 миллиону 800 ҳазор тонна ғалла ва бо ҳамин ба иҷро расондани фармоиши давлатӣ дар ин бобат бори дигар тасдиқ мекунад.

Барои исботи фикр фаъолияти хоҷагиҳои фермериро гирем кофист. Панҷ сол муқаддам дар ҷумҳурият, ки аксуи ҳаракати фермерӣ авҷ гирифта буд, 1468 хоҷагии фермерӣ арзи ҳастӣ намуда, қариб 35 ҳазор тонна ғалла рӯёнда буд. Соли гузашта бошад, миқдори онҳо ба 24674 то баробар гардида, беш аз ним миллион тонна ғалла тайёр намуданд. Саҳми онҳо дар хирмани имсолаи бошукӯҳи ғаллаи ҷумҳурият ҳам калон аст ва азбаски алҳол онҳо ғалласупориро давом медиҳанд, саҳми мушаххаси онҳоро баён кардан аз имкон берун аст.

Ва мисоли мазкур нишон медиҳад, ки ҳиссаи фермерон дар бобати тайёркунии маҳсулоти кишоварзӣ то чӣ андоза калон аст. Алҳол хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ қариб 20 фоизи тамоми ғалладона ва 22 фоизи пахтаро тайёр мекунанд. Дар ихтиёри онҳо 1 миллиону 38 ҳазор гектар мебошад. Баъзе фермерон аз вилоятҳои Андиҷону Намангон, Сурхондарё ва ғайра аз ҳар гектар 90-100 сентнерӣ ғалладона бардоштаанд, ки дар таърихи ғаллакорӣ натичаи аз ҳама баландтарин мебошад.

Умуман дар ҷумҳурият ба 1 миллиону 248,9 ҳазор гектар ғалладона кошта шудааст, ки 1 миллиону 69,5 ҳазор гектарашро заминҳои обёришаванда ташкил медиҳад. Ва аз ин ғаллазор алҳол ба ҳисоби миёна беш аз 42 сентнерӣ ҳосил бардошта шудааст, ки нисбати соли гузашта 12 сентнерӣ зиёд аст.

Дар замири ин рақамҳо меҳнати зарбдорона, чустучӯи доимӣ ва фидокориву ташаббускорӣ ниҳон мебошад. Чунки таъмин кардани мустақилияти ғаллаи ҷумҳурият аз рӯзҳои аввали истиқлол вазифаи аввалиндараҷа қарор дода шуд ва бесабаб набуд. Зеро дар ҷумҳурият ҳамагӣ ба 221 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда ғалладона кошта мешуду қисми боқимондаи ғаллазорро заминҳои лалмӣ ташкил медод. Аз замини лалмӣ ҳосили чашмдошт бардоштан аз имкон берун буд. Ва он пеш аз ҳама ба вазъи обу ҳаво вобастагӣ дошт. Аз ин рӯ дар ҷумҳурият ҳамагӣ 661 ҳазор тонна ғалла рӯёнда шуда, ғаллаи боқимонда барои қонеъ гардондани эҳтиёҷ аз берун оварда мешуд ва он такрибан ҳар сол 5-5,5 миллион тоннаро ташкил медод ва агар ба ҳар тоннаи он додани 169 доллар маблағро ба назар гирем, дар он сурат чӣ қадар сарф гардидани маблағро тасаввур кардан душвор нест.

Акнун ана ҳамин маблағ аз ҳисоби дар ҳудуди худи Ӯзбекистон тайёр кардани ғалла сарфа мегардаду ба дигар мақсадҳо сарф мешавад. Аз он ҷумла барои хариди техникаи замонавӣ, ба вуҷуд овардани навъҳои тезпазу серҳосил ва ба шароити хоку иқлими ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ хосу мос харҷ мегардад.

Агар дар ин бобат алоҳида сухан ронем, манзара худ аз худ аён мегардад. Дар бобати тайёр кардани тухмӣ меҳнаткашони вилояти Андиҷон намунаи ибрат мегарданд ва заминаи асосии тайёркунии тухмӣ гардидааанд. Минҷумла, дар вилояти мазкур дар солҳои 1997-2002-ум 225 ҳазор тонна ғаллаи тухмӣ тайёр карда шуд. Ҳамкории андиҷонӣён бо кормандони Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии кишоварзии Краснодари Россия самараи хуби худро мебахшад. Соли 1997 дар Андиҷон созмон додани Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии ғалла ва ғалладона боиси ба вуҷуд овардани навъҳои серҳосили ғалла гардид. Дар ин ҷо то ҳол 14 навъи нави ғандум ва 8 навъи ҷав ба вуҷуд оварда шудааст. Баробари ин 22 навъи нави ғалла аз озмоиш мегузарад.

Ҳамкорӣ бо олимони россиягӣ имконият фароҳам оврад, ки навъҳои «Крошка», «Половчанка», «Купава» ва «Княжна» дар ҳудуди ҷумҳурият мукимӣ гардиданд ва алҳол аз ҳар гектар 70-80 сентнерӣ ҳосил медиҳанд, ки натичаи беҳтарин ба ҳисоб меравад.

Баробари ин ғами ҷамъоварии сариваҳтии ҳосил ҳам хӯрда мешавад. Аз он ҷумла, ба овардани техникаи баландмаҳсули ҷамъоварии ғалладонаи хоричасохт диққату эътибор калон гардид. Солҳои 1995-2002 ба мамлакатамон 1836 комбайни баландмаҳсул оварда шуданд. Комбайнҳои «Кейс», «Класс», «Янмар» дар ҷамъоварии ҳосил нақши ҳалкунанда мебозанд. Тавассути ин комбайнҳо дар як рӯз 20-25 гектар ҳосилро ҷамъ овардан мумкин аст. Аз ин рӯ агар то соли 1996 ба анҷоми маъракаи ғалладаравӣ 45-70 рӯз сарф шуда бошад, алҳол маъракаи дарав дар 20-25 рӯзи корӣ анҷоми ҳудро меёбад. Комбайнҳои мазкур боиси кам талаф ёфтани ҳосил мегарданд. Аз ин рӯ ҳосилнокии миёна дар як қатор хоҷагиҳо ба 75-80, дар пудратчиёни оилавӣ ва фермерон 95-100 сентнерӣ расидааст.

Боз як далелро алоҳида зикр кардан лозим мааяд. Солҳои истиқлолият ғаллазор аз ҳисоби заминҳои обёришаванда 4,8 маротиба зиёд карда шуд ва аз ин рӯ ба ҳосилнокӣ низ таъсири мусбии ҳудро расонд. Аз ин рӯ ҳосилнокӣ аз 22 сентнерӣ ба 42,6 сентнерӣ расид, ки ҳоҷат ба шарҳи он ҳам нест. Аксари вилоятҳо ҳам фармоиши давлатиро ичро карданд. Дар айни замон қисме аз ҳосил дар ихтиёри хоҷагиҳо, пудратчиён ва дигар соҳторҳо мондааст. Ва он нишонаи боз ҳам моломол шудани дастархони аҳолӣ аст.

Ва натичаҳои баланди ғаллакоронро самараи ислоҳоти куллӣ дар деҳот номидан мумкин аст. Зеро ба туфайли он муносибати деҳқон ба замин ва амвол тағйир ёфт. Ба деҳот техника ва технологияи нав ворид гардид. Технологияҳои аз ҳама пешқадаму замонавии рӯёндани ҳосили баланду хуссифат истифода мегардад. Агротехникаи замонавӣ дар амал татбиқи воқеии ҳудро пайдо мекунад. Омили инсонӣ чиҳати ҳалкунандаро касб кардааст. Яъне манфиатдорӣ афзудаасту боиси фатҳи қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ мегардад. Ва сабаби асосии сол то сол афзун гардидани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, минҷумла ғалла дар ҳамин мебошад.

Ғалла имсол фаровон шуд. 4,2 миллион тонна ғалла тайёр шуд. Вале дар саҳро ҳосил ҳаст. Ин чунин маъно дорад, ки дастархонамон фаровон, сатҳи зиндагониамон аз ин ҳам боло мегардад. Яъне ғалла бошад, суруд ҳам мешавад.

Оҳанпора сарвати бебаҳост

Иттиҳодияи истеҳсолии саҳҳомии «Ӯзбекистон металлургия комбинати» дар бобати минбаъда амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодие, ки дар мамлакатамон ба рӯи об бароварда мешавад, таъмини нақлиёт, соҳтмон ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба масолеҳи маъдании на он қадар қимат нақши муҳим мебозад.

Алҳол аз ҳисоби оҳанпора ва партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга маҳсулоти маъдание тайёр карда мешавад, ки барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт хеле заруранд. Аз он ҷумла, агар ба бунёдкориҳо арматура, конструксияҳои маъданӣ ва дигар маводи заруриро расонда шавад, барои корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ шарҳои пӯлодии гуногунҳаҷм роҳ беш мегирад.

Маҳсулоти корхона ҳамчунин ба содирот мебарояд. Табиист, ки чунин комёбиҳо ҳуд аз ҳуд ба даст намеоянд. Дар мамлакати мо низоми аниқи ҷамъоварии партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга ва сари вақт фиристодани онҳо ба комбинати маъдангудозӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ин бора сухан дар маҷлиси навбатии Комиссияи ҷумҳурӣ оиди назорат ва мувофиқсозии тайёркунӣ ва ба азнавкоркард супурдани оҳанпора ва партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга рафт, ки дар шаҳри Бекобод ба амал омад. Дар он сарварони вазорату кумитаҳо, идораву ташкилотҳои дахлдор, ҳамчунин мақомоти ҳудудии идора, ташкилотҳое иштирок намуданд, ки бо ҷамъоварӣ ва супурдани захираи туфайлии маъданӣ шуғл меварзанд.

Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, раиси комиссияи мазкур И.Ҷурабеков гузашт, зикр ёфт, ки дар тӯли шаш моҳи соли кунун нақшаи пешбинигардидаи ҷамъоварӣ ва супурдани оҳанпораву партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга асосан иҷро гардид. Натичаҳои фаъолияти комиссияҳои ҳудудӣ таҳлил гардида, вазифаҳое муайян шуданд, ки мебояд дар семоҳаи сеюм ба иҷро расанд.

Дар маҷлис ҳокими вилояти Тошканд У.Мирзоқулов иштирок намуд.

(ӮзА).

Хирмани бошукӯҳи ҷиззахиён

Деҳқононо вилояти Ҷиззах ба анборҳои қабул 262850 тонна ғалла супурда, фармоиши давлатиро дар ин бобат барзиёд иҷро намуданд.

Ба хирмани бошукӯҳи вилоят меҳнаткашони ноҳияҳои Дӯстлик, Мирзочӯл, Пахтакор, Бахмал, Ғаллаорол ҳиссаи калон гузоштанд. Алалхусус, ғаллакорони ноҳияи Дӯстлик 55300 тонна ғалла тайёр намуда, ҳосилнокиро аз ҳар гектар ба 45,2 сентнерӣ расонданд.

Ба ғалабаи ғаллакорон хоҷагиҳои фермерӣ саҳми калони ҳудро гузоштанд. Аз он ҷумла, хоҷагиҳои фермерии «Ҳайдар ота», «Ислом полвон», «Ӯлуғбек Ихтиёр» аз ҳар гектар 69-71 сентнерӣ ҳосил бардошта, пешсафони маъракаи гардиданд.

Дар вилоят ҷамъоварии ғалла давом дорад.

А.НАЗАРОВ,
мухбири ҳудамон.

Савдои музояда барои хориҷиён

Ташкилоти ба савдои музояда махсусонидашудаи «Ӯзауксионсавдо» савдои навбатии музоядаи ҳудро аз рӯи фурӯши маҳсулот бо асъори озодтабодул барои ширкати фирмаҳои хориҷа гузаронд. Ба савдо шаш номгӯй молҳои волоталаб гузошта, ба андозаи 521.751 доллари амрикӣ фурӯҳта шуданд. Минҷумла аз ҳазор тонна хокаи миси ба савдо гузошта шуда, ҳамааш бо 386-387 доллари ба як тоннааш фурӯҳта шуд. Ҳол он ки нахи оғозии он 380 доллар муқаррар ғашта буд. 500 тонна бензини А-76 ба ивази 135 доллари ба ҳар тоннааш ба фурӯш рафт. 500 тонна сӯзишвории дизелиро низ шарикон ба як тоннааш 135 доллари нарх гузошта, харид намуданд.

Баъди савдо байни «Ӯзауксионсавдо» ва ғолибони савдои музояда ҳуҷҷатҳо ба имзо расиданд, ки барои расонда додани маҳсулоти харидгашта кафолат медиҳад.

Савдои навбатии музояда 15 августи соли кунун ба амал меояд.

(Хабарнигори мо).

Идомаи корҳо

Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон дар мамлакатамон ба масъалаи барқарор кардани арзишҳои таъриҳиву фарҳангии халқамон диққату эътибор пурзӯр гардид. Ва он бесабаб нест. Осори атиқаҳо, дастхатҳои нодир, арзишҳои маънавиамон, ки фахру ғурури халқамон ва миллатамон мебошанд, бо тақозои тақдир дар саросари ҷаҳон паҳну парешон гардиданд ва акнун вазифа пеш гузошта шудааст, ки он ҷамъ оварда, сарвати умумихалқӣ гардонда шавад.

Аз ин рӯ ҳоли ҳозир чустучӯ кардани ин ҳуҷҷатҳои нодири таъриҳи Ӯзбекистон ва бозгардондани онҳо ба Ватан вазифаи аввалиндараҷа қарор дода шудааст. Ба ҳамин мақсад бо ташаббуси сарвари давлатамон дар назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Комиссияи махсус оид ба Ӯзбекистон баргардондани ҳуҷҷатҳои бойгоние созмон дода шуд, ки бо сабабҳои мухталиф ба берун аз ҳудуди он баромада рафтааанду боигарии бебаҳои халқамон ба ҳисоб мераванд.

Ба қарибӣ маҷлиси навбатии комиссияи мазкур ба амал омад. Дар он ҳисоботи раиси комиссия Н.Иброҳимов ва аъзои он З.Мунавваров оиди натичаҳои сафари ҳидматиашон ба Ҷумҳурияти Мисри Араб ва Аморати Муттаҳидаи Араб шунида шуд.

Нотиқон зикр намуданд, ки сафар ниҳоят пурсамар ба анҷом расид. Маълум гардид, ки дар китобхонаҳо ва осорхонаҳои Миср асарҳои сершумори санъат, аз он ҷумла миниатураҳое маҳфузанд, ки ба муқалами мусаввири бузург, ҳамватанамон Камолиддини Беҳзод, шогирдону давомдиҳандагони кори ӯ мансубанд. Аз мамлакати мазкур нусхаи қариб 20 миниатурае оварда шуд, ки ба қалами Беҳзод ва шогирдони ӯ мансубанд.

Аҳду паймон бо маъмурияти китобхонаи калони Искандария ҳосил гардид. Мувофиқи он аз асарҳои ниёкони бузургамон, ки дар ин ҷо маҳфузанд, нусха бардошта шуда, ҳамкории васеъ дар ин бобат ба роҳ монда мешавад. Баробари ин бо аҳли Донишгоҳи Аморати Муттаҳидаи Араб ва Ҷамъияти «Ёдгориҳои мероси илмиву маънавии мусалмон», ки дар мамлакати мазкур фаъолият пеш мебарад, дар бобати нусхабардорӣ аз китобҳое, ки доир ба Ӯзбекистон мебошанд, минбаъда ба роҳ мондани равобит аҳду паймон ҳосил гардидааст.

Дар маҷлиси комиссия оиди иҷрои корҳои минбаъдаи чустучӯкунӣ ва вазифаҳои умдаи дар ин бобат мубодилаи афкор ба амал омад.

(Хабарнигори мо).

Имзои шартнома

Дар Тошканд байни Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбеккимё» ва намояндагони Ширкати «Ситик»-и Чин шартнома дар бораи лоиҳаи ба анҷом расондани соҳтмони заводи содаи Кӯнғирот ба имзо расид.

Қисми асосии арзиши лоиҳаро, ки арзиши умумии он 32,3 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, Бонки тиҷоратии саноати Чин бо маблағ таъмин мекунад. Маблағи боқимонда аз тарафи Бонки саноату соҳтмони Ӯзбекистон пардохта мешавад.

Чуноне ки ба нақша гирифта шудааст, соҳтмони завод соли чорӣ оғоз ёфта, соли 2004 ба анҷоми ҳуд мерасад. Завод иқтидори дар давомӣ сол тайёр кардани 100 ҳазор тонна содаи калоийдоштаро молик мебошад. Ва он имконият медиҳад, ки соҳаҳои соҳтмон, кимё, автомобилсозӣ ва дигар соҳаҳои саноати мамлакат бо маҳсулоти шишагин пурра таъмин карда шавад.

Таҳияи лоиҳаҳои корхона, таъмини онро бо таҷҳизоти зарурии техникӣ, ҳамчунин барномаи муҳандисии истифодабарии онро мутахассисонии Ширкати «Ситик» ба зиммаи ҳуд гирифтааанд.

Лоиҳаи рушди таълим

Бонки ҳамкории байналхалқии Чопон 31 январи соли гузашта ба ҳукумати Ӯзбекистон вомро ба андозаи 6.347 миллион иен ҷудо карда буд. Ва ин вом якҷоя бо маблағи Бонки рушди Осиё барои амалӣ гардондани лоиҳаи «Рушди маълумоти миёнаи махсусу касбу ҳунар» сарф мегардад.

Лоиҳаро маркази маълумоти миёнаи махсусу касбу ҳунари Ӯзбекистон якҷоя бо фирмаи консалтингии ЮНИКО Интернейшнл аз моҳи апрели соли кунун дар зарфи 30 моҳ ба рӯи об мебарорад.

Мувофиқи он расонда додани таҷҳизоти замонавӣ барои коллеҷҳои касбу ҳунаре, ки ба соҳаи кишоварзӣ тахассусонида шудаанд, таҷрибаомӯзии мутахассисон, ҳамчунин ба роҳ мондани ҳамкории техникӣ дар назар дошта шудааст.

—Расонда додани таҷҳизот ба коллеҷҳои касбу ҳунари таъиноти кишоварзӣ аз рӯи ҳафт самт-агрономӣ, рустанипарварӣ, чорводорӣ, ветеринария, гидромелиоратсия, истифодабарии техникаи кишоварзӣ ва расодани хизмати техникӣ, азнавкоркарди маҳсулот амалӣ гардонда мешавад,— мегӯяд сарвари лоиҳа Ҷӣ Курокава.

Баробари ин сарварон ва омӯзгорони коллеҷҳо касбу ҳунар кор карданро дар таҷҳизотҳои нав дар Токио ва профектураи Миязаки меомӯзанд. Баъди сафар онҳо машғулиятҳоро оид ба баланд бардоштани малака ба сарварон ва омӯзгорони коллеҷҳо мегузаронанд, ки ба кишоварзӣ тахассусонда шудаанд.

(ӮзА).

Этнографи суханшинос



Оиди пайкари сангини ду мори чипор, ки аз водии Сӯх ёфт шуда, алҳол дар осорхонаи давлатии таърихи Темуриён нигоҳдорӣ мешавад, кайҳо пеш шунида бошам ҳам, дар хусуси кай ва дар кӯҷои ин воҳа пайдо гардидани он маълумот надоштам. Аз сӯҳбате бо дӯсти олимам Урунбой Сӯфиев фаҳмидам, ки онро сокинони воҳаи Сӯх ҳанӯз солҳои 1893—1894 дарёфт карда будаанд.

—Сӯх ҳам ҷои хурд не, аз кӯҷояш?

—Аз Муғтеппа ном мавзеи деҳаи Тӯл, ки ин деҳкада қад-қади дарёи Сӯх доман густурда ё худ тӯл кашидааст. Аввали баҳор, ҳангоми ҷӯйканӣ, сокинони деҳ ҳайкали биринҷии мори дусараро ёфтанд ва хайрият ҳам чизи беэътиборе пиндошта онро сӯе напартофтанд.

Дӯсти айёми донишҷӯиям Урунбой, ки ӯро Мирзо ҳам меномем, давом медиҳад:

—Бозёфти мазкур баҳдтар ба аъзоёни маҳфили археологии «Туркистон» аз ҷониби Ботиров ном шахс тақдим мегардад ва ин пайкара дар осорхонаи шаҳри Тошканд ҷо пайдо мекунад. Соли 1913 олими намоён И.А.Кастене доири он мақолае менависад. Диққати олимони дигар низ ҷалб шуда, пайкараро аз назари таҳқиқ мегузаронанд. Бостоншиносон ба хулосае меоянд, ки ин бозёфти нодир ба ҳазорсолаи дуюми қабл аз милод тааллуқ дорад...

—Аҷаб, дар пайкара, гумоне, ду мори ба ҳамдигар омодаи ҳамларо мебинем.

—Бале. Он ду мор, ки бо даҳони боз муқобили якдигар қарор доранд, рамзи муборизаи қувваҳои некиву бадианд.

Воқиан ҳам тасаввуроти халқ нисбати мор дутарафа аст. Муборизаи шадиди неку бад дар ҳамаи замонҳо идома дошта, симои мор рамзи қувваҳои нек ва бад будааст...

Бо Мирзо дар як факулта, вале ду ришта (ӯ дар таъриху ман дар филология) таҳсил кардаем. Ӯ нисбати мо, ҳамсабақон, ба омӯзиш шавқи бештар дошт, лаҳзаҳои фориғ аз дарсро беҳуда нагузаронда, ба китобхона мешитофт, меомӯхт, эҷод мекард. Ин буд, ки баъди хатми донишкада ӯро ҳамон ҷо нигоҳ доштанд ва дар кафедраи таърихи умумиҷаҳонӣ то соли 1985 кор кард. Баъд аз Ҳучанд ба Душанбе рафт ва таи ду сол дар кафедраи таърихи қадимтарин ва асримиёнагии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси этнография коромӯз буд. Солҳои 1987-1990 дар шӯъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи улуми Тоҷикистон таҳсил ва рисолаи номзадиро ба ҳимоя омода намуд.

Баъди ҳимоя солҳои 1990-1995 чун ходими илмӣ, ходими калони илмӣ, пасон ба сифати ходими пешбари илмӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ифои вазифа кард.

Мирзо соли 1996 ба зодгоҳ баргашт. Ду сол дар вазифаи мудири шӯъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои ҳукимияти ноҳияи Сӯх фаъолият намуд. Аз соли 1998 инҷониб рӯҳшиноси коллеҷи ҳунаромӯзии Сӯх аст.

Номзади илми таърих Урунбой Сӯфиев муаллифи беш аз 30 мақолаи илмист. Гузоришоти ӯ дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, минҷумла дар мақаллаи «Садои Шарқ», «Ахбори фанҳои ҷамъиятии Академияи улуми Тоҷикистон» интишор ёфтаанд. Дар конфронсҳои илмии этнографаҳо дар шаҳрҳои Санкт-Петербург , Душанбе ва Ҳучанд ширкат варзидааст. Маърӯзаи ӯро дар конфронси илмии байналхалқие, ки дар Санкт--Петербург таҳти унвони «Сӣҳми мардуми эронинажод дар тамаддуни ҷаҳон» сурат гирифт, аҳли илм бо мароқ шуниданд. Ӯ мавзӯи «Хусусиятҳои этнографӣ-фарҳангӣ ва ҳудудии маросими тӯйи тоҷикони Фарғона»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.

Урунбой Сӯфиевро чун устоди мушфиқ ҳунаромӯзони коллеҷ эҳтиром менамоянд. Саҳми ӯ дар тарбияи авлоди ҷавон дар дарки ғояи миллии истиқлол калон аст. Маърӯзаҳои вай бо забони тоҷикӣ, ки дар курсҳои махсуси «Ғояи миллии истиқлол», «Ӯзбекистон дар ҷодаи ояндаи бузург» қироат мешаванд, қобили таваҷҷӯҳанд.

Урунбой Сӯфиев тарҷумаи китобҳои дарсии «Таърихи ҷаҳон» (барои синфи 8) ва «Таърихи ҷаҳон»-ро (барои синфи 9, бо ҳамроҳии Раҳимҷон Тошбоев) ба зимма гирифт ва хуб ӯҳда кард. Ин китобҳо дар нашриёти «Ӯзбекистон» омодаи чопанд.

Соли духӣзорум дар коллеҷ кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ созмон ёфта, мудири онро Урунбой Сӯфиев ба зимма гирифт.

Бо мақсади омӯзиши урфу одат, тарзи машғулот ва ҳаёти тоҷикони бурунмарзӣ вай борҳо ба ноҳияҳои тоҷикнишини ҷумҳурӣ, ҳамчунин вилояти Ҷамбули Қазоқистон сафари илмӣ карда, мавоҳои баарзиши этнологӣ ғун кардааст.

Олими ҷавон бо унвони «Маросими тӯйи никоҳии тоҷикони водии Сӯх: анъана ва навгониҳо» монографияе таълиф дод, ки мукарризон академик Рачаб Амонов, доктори илми санъатшиносӣ Низом Нурҷонов, профессор Иван Стеблин-Каменский ба он баҳои баланд додааанд. Вай ҷиҳати тадқиқи урфу одати наврӯзии тоҷикони водии Сӯхро низ як самти фаъолияти пажӯҳишии худ гардондааст.

Он гунае, ки солҳои донишҷӯӣ ташнаи илм буду шавқи беандоза ба омӯзиш дошт, алҳол низ бо вуҷуди дар деҳ зистану аз ташвишҳои зиндагии пуртазод фориғ набудан ҳамон машғули тадқиқу таҳқиқ ва омӯзишу мутолиа аст. Сарчашмаҳои таърихӣ—маълумотҳои Геродот ва Овесто «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Бобурнома»-и Заҳириддини Бобур, «Чаҳор мақола»-и Арӯзӣ, «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Мустачири Самарқандӣ асарҳои рӯимизиии ваянд. Меомӯзад ва ба баҳри бекарони илм ғӯтаҳо зада, бо гавҳарҳои рахшон берун меояд. Ва офаридаҳои ӯ инъикосгари ягон ҷиҳати ҳаёти таърихии мардуми тоҷиканд, ки ба риштаи тадқиқ кашидааст.

Воқиан, гузоришоти илмии Урунбой Сӯфиев барои ҳалли масъалаҳои умдаи таърихи Осиёи Миёна низ беаҳамият нест. Тадқиқотҳояш аз нуқтаи назари этногенез—пайдоиш ва минбаъда ташаккулёбии тоҷикони Водии Фарғона, умумият ва ҷиҳатҳои ба ҳуд хоси этникии тоҷикони водии Сӯх дар муқоиса бо тоҷикони қисми ҷанубии Тоҷикистон ва тоҷикони шимоли Афғонистон (водии Панҷшер) мавриди назар қарор ёфтаанд. Ин тадқиқотҳо дар мустаҳкамкунии дӯстии халқҳои ҷамоҳири Осиёи Марказӣ, ҳалли масъалаҳои фарҳангӣ ва маънавии тоҷикони бурунмарзӣ ҳам аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Урунбой Сӯфиев қадри ҳол ҷиҳати таъсири аҳолии бумӣ ба мардуми туркзабон, ки аз қадим дар ҳамсоягии Сӯх зиндагӣ мекунанд, фаъолияти илмӣ бурда ва комёб шудааст.

Вай алъон доири фолклори маросимӣ—маросимҳои оилавӣ, касбу кор (кишоварзӣ)-и тоҷикони Водии Фарғона рисолаи докторӣ менависад.

Нияти ӯ—қадри тавон саҳм гузоштан дар рушду инкишофи илми мардумшиносист. Азмаш қатъиву нияташ холис, ки ҳаст, иншооллоҳ, тавфиқ хоҳад ёфт.

Дар охир ҳаминро низ бо мамнуният зикр намуданием, ки ӯ, бо вуҷуди таърихнигор будан, ҷиҳати илми забоншиносӣ низ ба андозае ошност. Суханснаҷ суханшинос аст. Саъйи ҳуд ба он равона карда, ки мардум, хоссатан шогирдон ва хонандагонаш худшинос бошанд, эътибор ба забон, ки пояи миллат аст, ҳамчунон пойдор бимонад.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Навгониҳои Тоҷикистон

Конфронси навбатӣ

Шӯрои Марказии Ҷунбиши вахдату эҳёи миллии Тоҷикистон қарор қабул карда буд, ки конфронси дуюми ҷунбиш 13 июли соли кунун дар Маҷмӯи давлатии «Кохи вахдат»-и Душанбешаҳр даъват карда шавад. Қарори дахлдорро дар ин бобат раиси Ҷунбиши вахдати эҳёи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов имзо намуд.

Комиссияи оид ба тайёрӣ ба конфронс ва қарорҳои масъалаҳои ташкилӣ созмон дода шуда буд. Ба комиссия лозим омад, ки натиҷаҳои маҷлисҳои ҳисоботиву интихоботии ташкилотҳои ибтидоӣ ва конфронсҳои ноҳиявиву шаҳрӣ ва вилоятии Шӯрои ҷунбишро умум гардонад.

Конфронс дар Душанбе ба амал омада,-масъалаҳои умдаро муҳокима намуд.

Пули дӯстӣ мустаҳкам мегардад

Мувофиқи таклифи ҳокими ноҳияи Попи вилояти Намангони Ӯзбекистон 29 июн шасту шаш нафар намояндагони ноҳияи Ашт ба ин ҷо ташриф оварданд. Таркиби гурӯҳ аз собиқадорони ҷангу меҳнат, раисони ҷамоатҳо, сарварони хоҷагиҳо, роҳбарони шӯъбаҳои ҳукумати ноҳия иборат буд. Мақсад аз сафар таҳкими пули дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни ду халқ мебошад. Меҳмонон аз Хонаи фарҳанг, гимназия-литсей, осорхона, ҳамчунин фабрикаи ресандагии корхонаи муштараки ӯзбекистониву туркиягӣ, ки бо таҷҳизоти навтарини технологӣ мучаҳҳаз аст, дидан карданд.

Дар доираи ташриф шаби дӯстӣ ба амал омад, ки онро ҷонишини ҳокими ноҳия У.Усмонов кушод. Аз он ҷумла вай зикр намуд, ки аҳолии ноҳияи Поп аз 170 ҳазор нафар иборат буда, 33 ҳазор нафарашро тоҷикон ташкил медиҳад. Дар фарҷоми мулоқот раиси ноҳияи Ашт Иноят Раҳимов ва ҳокими ноҳияи Поп Рустамҷон Исматуллоев суханронӣ карданд. Раиси ноҳияи Ашт намояндагони ноҳияи Попро даъват намуд, ки ба Ашт бо ташрифи ҷавобӣ сафар кунанд.

2500-солагии Истаравшан

Ба мақсади тайёрӣ ва ҷашнгирии 2500-солагии Истаравшан дар ҳамаи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳо иди деҳаву кӯчаҳо гузаронда мешавад. Чунин ҷашн ба қарибӣ дар ҷамоати Пошкент ба амал омад. Дуредгарони деҳаҳои Яккабоғ, Сурқат, Тутк ва дӯзандагони моҳир аз деҳаҳои Сукат ва Сепул, бисёр дигарон маҳорати худро намоиш доданд. Маҳсулоти чӯбкорӣ—дару тиреза, столу стулҳо, либосҳои миллӣ— сӯзанӣ, курта, камзул, дӯппиҳо ва ғайра ба ҳукми умум пешкаш карда шуд. Дар доираи ид озмун таҳти унвони «Арӯси сол», мусобиқа байни ошпазон гузаронда шуд. Оҳангари 80-сола Аҳмадбобо Рауфов, ки асбобу ускунаи рӯзгорро омода месозад, бо маҳсули дасти хеш ҳамаро дар ҳайрат гузошт.

Қариб 50 килограмм ҳероин

Дар қитъаи Маскави сарҳад отряди сарҳадбонон ҳаракат кардани се сарҳадшиканро муайян карданд, ки аз ҷониби Афғонистон ба ҳудуди Тоҷикистон гузаштанӣ буданд. Сарҳадбонон маҷбур шуданд силоҳро ба кор баранд. Сарҳадшиканон ба пас баргаштанд. Вале дар қитъаҳои сарҳад 22 халтачаи ҳероинро партофта рафтаанд. Баъди бодиқат аз назар гузарондани маҳал халтачае ёфт гардид, ки 21 халтачаи дорои ҳероинро дошт. Вазни умумии онҳо 48 килограмму 15 граммро ташкил дод.

Аз аввали сол то ҳол дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон 1300 килограмм нашъа боздошта шудааст, ки 750 килограмми онро ҳероин ташкил медиҳад.

Кӯмак ба ҳамсоягон

Аввалин гурӯҳи кӯмаки башардӯстона, ки маҳсули дасти корхонаҳои меҳнаткашони Тоҷикистонро ташкил медиҳад, аз Душанбе ба Афғонистон роҳ пеш гирифт. Ташкилкунандаи ин амали хайр Иттиҳодияи ҷамъиятии хайроти «Душанбе-Дочистик» якҷоя бо Вазорати вазъияти фавқулодда, вазоратҳои нақлиёт ва саноати ҷумҳурият мебошанд.

Чуноне ки вазири вазъияти фавқулодда ва оид ба корҳои дифои шаҳрвандӣ Абдураҳим Рачабов зикр намуд, ки тавассути Тоҷикистон, ки яке аз роҳҳои муҳим мебошад, бисёр мамлакатҳо кӯмаки башардӯстонаи ҳудро ба халқи афғон мерасонанд. Худи ҷумҳурият низ аз ин амали хайр дар канор нест.

Кӯмаки башардӯстона 2000 кампал, курта, маҷмӯи хобу хез ва дигар молҳо иборат буд.

Тағйири ҳаҷми аксиз

Мувофиқи қарори ҳукумати Тоҷикистон ҳаҷми нави аксизҳо ба пиво ва нӯшокиҳои спиртӣ тасдиқ гардид. Ва тағйирот ҳам ба молҳое, ки дар ҷумҳурият истеҳсол мегардад ва ҳам берун аз он оварда мешаванд, дахл дорад.

Ва қарори мазкур ба мақсади ҳифзи моли истеҳсолкунандагони ватанӣ, баланд бардоштани дараҷаи манфиатдории онҳо аз рушди босамари иқтисодиёти миллӣ таъин гардидааст. Ба Вазорати умури хориҷии Тоҷикистон супурда шуд, ки маълумоти тағйири ҳаҷми аксизро ба мамлакатҳое расонад, ки ҷумҳурият ба онҳо муносибати тиҷоративу иқтисодиро ба роҳ мондааст.

«Хушксолӣ» ба охир расид

Корҳо оид ба амалӣ гардондани барномаи офияти «Хушксолӣ» ба иҷро расиданд. Ташаббускори он Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари вилояти Суғд мебошад.

Чуноне ки раиси ҷамъият Хуршеда Отабоева маълум кард, ба амалӣ гардондани барнома моҳи декабри соли 2001 шурӯъ карда шуд. Самти асосии он расондани кӯмак ба сокинони ноҳияҳое мебошад, ки аз хушксолӣ зарар дидааанд. Дар тӯли ин вақт дар доираи барнома 74 ҳазор нафар сокинони ноҳияҳои Ғончӣ, Зафаробод, Шаҳристон, Мастчоҳи Кӯҳӣ озуқа ва либос гирифтанд. Маҳсулоти умумии тақсимгардида 5000 тонна озуқаро ташкил дод.Онҳо беш аз 700 тонна орд, 224270 литр равғани рустанӣ, беш аз 40 тонна шакар буданд.

Васоятгарони барнома Барномаи умумиҷаҳонии озуқавории СММ, Федератсияи байналхалқии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ҳамчунин Салиби Сурхи Олмон буданд.

«Туркистон-пресс»—«Вароруд».

НАВИГАРИҲОИ ОЛАМ

Хабарҳо аз хориҷа *Хабарҳо аз хориҷа*

Хизмати тиб қаноатманд нест

Дар Британияи Кабир хизмати тиббӣ дар сатҳи Урупо хеле поён рафтааст, ки иллати он асосан аз нокифоя будани маблағ аст, ки ба ин соҳа ҷудо мекунанд.

Ба ин муносибат барои соли нави молӣ бучаи миллӣ таҳия гардид, ки ин бӯҳронро пушти сар намояд. Кам будани духтурон, хоҳарони шафқат, кат, муомилаи таҳаммулнопазир ба беморон ва навбатпоии тӯлонии онҳо решаҳои ин бӯҳронро чуқуртар кардаанд. Дар ин бобат вазири молияи шоҳигарӣ Гордан Браун маълум намудааст, ки ба соҳаи хизмати тиббӣ барномаи нави ихтисоси буҷа кор хоҳад дод. Аммо вазири тандурустӣ Фокс иллати ин бӯҳрони мавҷударо дар нокифоя будани маблағ намедонад, балки, ба назари ӯ, сабаби он дар нодуруст ташкил намудани кори соҳа ва ҳаттӯлкорӣ мебошад. Ба назари ӯ ҳукумат ба соҳа чӣ қадар пул ҷудо накунад, он аҳволро ислоҳ намекунад, зеро сохтори соҳаи тиб онро азхуд карда наметавонад.

Ҳоло дар Британияи Кабир вазъият то дараҷае дар ин соҳа тоқатфарсост, ки ҳукумат ба иқдоми ниҳоӣ саъй менамояд—беморони навбатпояндаро барои табобат аз ҳисоби давлат ба хориҷи мамлакат мефиристад.

Аз соли 1997, аз бозе, ки интихобкунандагон намояндагони ҳизби лейбористиро хостанд, вазъият рӯ ба беҳбудӣ нагузоштааст. Аз ин боис ҳоло онҳо кам-кам аз ин ҳизб дилхунук мегарданд ва ин кайфият раиси ҳукумат Тонӣ Блэрро водор месозад, ки дар назди ҷамъият барои нигоҳ доштани нуфузи ҳизби худ кӯшад. Аммо ӯ ҳар дафъа дар назди онҳо ваъда медиҳад, ки барои ин миқдори андозро зиёд нахоҳад кард.

Русия дар ҷои дуюм

Мувофиқи маълумотҳо Русия аз ҷиҳати қасдан куштани одам ба ҷои дуюм баромадааст. Тавре ки сардори садорати криминалистикаи прокуратураи Русия Юрий Леканов мегӯяд, ба сад ҳазор аҳолӣ дар Русия 34 ҳолати одамкушӣ рост меояд, ки дар ин масъала танҳо Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ аз ин мамлакат пештар аст.

Дар маълумоти прокуратураи Федератсияи Русия қайд гаштааст, ки соли гузашта дар Русия 33,5 ҳазор нафар қатл гаштааст. 7,7 ҳазор ҳолати одамкушӣ, аз он ҷумла, ифшо нагаштааст, хабар медиҳад оҷонсии «Интерфакс».

Ангиштканон — зери хок

Дар кони ангишти деҳаи кӯҳии Мерерании Танзания дар натиҷаҳои фоҷиа 42 нафар ҳалок гаштааст. Маъмурони кон хабар додааанд, ки дар натиҷаи аз кор баромадани компрессори ҳаводиҳии шахта дар кон оксиген нарасидааст.

Барои дуруст намудани компрессор се нафар ба шахта мефуроянд ва онҳо низ дубора баргашта наметавонанд.

Дар кони шимоли шарқии Чин низ таркиш ба амал омада, тибқи маълумоти оҷонсии «Синҳуа», 140 нафар шахтёр дар он кон мондааанд. Халоскорон танҳо 25 нафари онҳоро дарёфт намудааанд, ки ҳашт нафарашон бо аҳволи бад ба шифохона хобонда шудааанд.

Маросими дафни Самул

Дар маҳалли Макассари Сулавесии Ҷанубӣ ширкати сайёҳии машҳур «Танаторача» дар моҳи ҷорӣ ба нақша гирифтааст, ки маросими дафни яке аз сулолаҳои шоҳро анҷом диҳад.

Пуанг А Бунга Тандипау Самул аз сулолаи шоҳони Торая мебошад.

Маросими дафни асилзода дар минтақаи сайёҳии Поток дар ноҳияи Таллу Лембанган барпо мегардад.

Пешбинӣ гаштааст, ки маросими дафни Самул, ки 30 январ дар Ҷакарта—пойтахти мамлакат фавтидааст, теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ва ватаниро ҷалб хоҳад кард.

Танаторача аз лиҳози дафни маит маҳалли аҷиб мебошад, ки маъмулан аз ҷониби хонаводаҳои сарватманд ба амал оварда мешавад.

Тобистон — даврааи фароғат аст. Хусусан дар соҳили баҳрҳо ҷои қадамзанӣ нест.
Дар сурат: дар соҳили баҳри Сиёҳи шаҳри Анапаи Русия.

Сурати ИТАР-ТАСС.

Бо як олам таассурот

700 нафар хонандагони мактабҳои ҳавзаи Арал тирамоҳи соли кунун дар вилояти Андиҷон бофароғат истироҳат намуданд. Даҳҳо фарзандони меҳнаткашони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон таътили тобистонаи худро дар маскани солимгардонии «Нур»—яке аз ҷойҳои хушманзари шаҳри Хонободи вилояти Андиҷон гузаронданд.

Шаҳри Хонобод дар ёнаҳои наздикӯҳие маскан пайдо кардааст, ки дар бар мудом либоси сабзро дорад. Бачагоне, ки ба маскани солимгардонии ин ҷо омада буданд, ҳар як рӯзи худро босамар гузаронданд ва хотираҳои нек бардоштанд. Аз ин рӯ, бо як олам таассурот аз ин ҷо бармегарданд. Мутасаддиёни таътили тобистона дар ин бобат ғамхорӣ зоҳир карданд. Бисёр мусобиқаҳои варзишӣ, озмунҳо, викторинаҳо, сайру саёҳат гузаронда шуд.

—Ба мактабхонон наклиёти махсус ҷудо карда шуд,—мегӯяд ҷонишини ҳокими шаҳри Хонобод А.Нуруллоев.—Телефон гузоштем, ки муҳассилин тавассути он бо падару модар ва хонадони ҳуд алоқа бастанду хотирҷамъ истироҳати хешро гузаронданд.

Дар дигар масканҳои истироҳат низ бачагон аз ҳудудҳои ҳавзаи Арал ҳубу бомароқ истироҳат мекунанд.

С.ШУКУРОВ,
мухбири ЎзА.



Маҳсулоти лазизи ҷамъият

Аҳли меҳнати Ҷамъияти саҳҳомии ноҳияи Бӯз дар бобати бо нону дигар маҳсулоти ғаллагӣ таъмин намудани 52 ҳазор нафар аҳолии ҳудуди ҳуд намунаи ибрат нишон медиҳад. Ҳоли ҳозир дар корхонаи мазкур дар давоми як шабонарӯз 50 тонна нон, 2 тонна макарон ва як тонна ширавор тайёр карда мешавад.

Аҳли ҷамъият, асосан боғча, мактаб, санатория ва масканҳои табобат, аҳолиро бо нонҳои лазиз таъмин мекунад. Соли гузашта ҳаҷми умумии маҳсулот ба 76 миллиону 500 ҳазор сӯмин баробар шуда, даромади соф қариб се миллион сӯмро ташкил дод. Аз ҳисоби даромади соф фаъолияти васоятгариро ҳам ба иҷро мерасонад. Алҳол боғчаи рақами чоруми бачагони «Дилшод»-ро ба васояти ҳуд гирифтааст.

33 нафар корманди ҷамъияти саҳҳомӣ дар бобати тайёр кардани маҳсулоти лазиз намунаи фидокорӣ намоиш медиҳад. Ҳамчунин се нонвойхона, ки ба таркиби ҷамъият шомил асту ба кори онҳо Акмал Абдураҳимов, Абдуманнон ва Икром Дадабоевҳо сарварӣ мекунанд, дар бобати тайёр кардани маҳсулоти лазиз ибрат нишон медиҳанд.

Дар сурат: коргари Ҷамъияти саҳҳомии маҳсулоти ғаллагии ноҳияи Бӯзи вилояти Андиҷон **Дилором Ёкубова** дар сари кор.

Матн ва сурати
Муқимҷон ҚОДИРОВ
(ЎзА).

Оқибати балои нафс

Аз зали суд

Ҳар касе, ки ба идораи давлат меояд, дар дил умед дорад, ки аз ҷониби мансабдорон ҳуш қабул карда мешавад, ҳоҷаташ мебарояду муаммояш ба зудӣ ҳаллу фасл меёбад. Боз бовар дорад, ки амалдорон, ки ба онҳо ҷомеа ва давлат ваколатҳои калонро додааанд, ӯро роҳнамоӣ мекунанд, маслиҳат медиҳанд, дастгиру мададгораш мешаванд. Аммо магар кам мушоҳида кардаем, ки мансабдор чун шоҳ дар тахт менишинаду корафтодаи бечора пеши вай бо зориву тавалло, даромада арзи дил мекунад. Ин саҳнаҳои ҳанӯз ҳам дилхарош ҳанӯз ҳам саводи ҳуқуқӣ надоштани мардуми моро чун оина намоён месозад.

... Абдуназар Ғаффоров ҳам ба умеди кушодани фирмаи хусусии «Нурободгипс» ба қабули муовини собиқи ҳокими Боғишамоли шаҳри Самарқанд оид ба масъалаҳои умумииқтисодӣ Абдулқосим Абдуҳамидов омад. Ҷонишини ҳоким ба корафтода санчишкорона нигарист:

—Медонед, ин кори осон нест. Ниҳоят мушкил.

Абулқосим Абдуҳамидов як-як ҳуччатҳоро, ки бояд тайёр карда шаванд, номбар кард:

—Мӯҳр, штамп, бизнес-планандоз, пули палата, ҳисобсурат кушодан лозим. Хӯш...

Абдуназар Ғаффоров даступо гум кард. Муовини ҳоким ин ҳолаташро мушоҳида намуда, боз сар то пой вайро аз назари таҳқиқ гузаронда гуфт:

—Яъне ин кори мушкил. Фирмаро кушодан ин дари хонаро кушодан не...

—Хуб, гӯед, ман чӣ кор кунам?

Абулқосим Абдуҳамидов сукут кард. Сипас гуфт:

—Ба назарам одами хуб менамоед. Мо ба Шумо ёрдам мекунем. Дар аввал сад ҳазор сӯм меоред. Ин пора не. Хизматонаи мо. Яъне ҳаққи хизмати мо.

Абдуназар Ғаффоров бо саду як фикру хаёли маҳшуш ба саҳни ҳавлии ҳокимият баромад. Дилаш аз ин муомилаи сард, беадолатӣ фишурда гардид... Давоми воқеа чунин сурат гирифт. Яъне суднаваанда Абулқосим Абдуҳамидов 25 феврали соли равон соати 17.00 дар хонаи кориаш, ки воқеъ дар ҳокимияти ноҳияи Боғишамол аст, барои расмӣ кардани ҳуччатҳои фирмаи хусусии «Нурободгипс» ҳангоми порагирӣ ба миқдори 40000 сӯм аз ҷониби ходимони прокуратураи вилояти Самарқанд ва идораи умури амнияти вилоят дастгир карда шуд. Албатта, Абулқосим Абдуҳамидов бо ҳазор баҳона бегунаҳои ҳудро собит мекард. Аммо ноиояти вай бо далелҳои шайъӣ ба собит расид: шоҳид Абдуназир Ғаффоров дар баённомааш навиштааст, ки пас аз он ки 19 феврали соли 2002 аз Идораи омори вилоят аз рӯйхат гузашт, ба қабули Абулқосим Абдуҳамидов омад. Дар ҳуҷраи корӣ ӯ ходими ҳокимияти Боғишамол Ҷ.Абдураҳимов ҳам буданашро навиштааст. А.Абдуҳамидов аз вай ҳуччатҳои гуногунро ҷамъ карда омадааашро мегӯяд. Ҳангоме ки мебинад, А.Ғаффоров аз ин «ҳуччатталабкуниҳо» дасту по гум кард, бо оҳанги тасаллиомез ба вай ваъдаи «ёрӣ»-ро медиҳад. Вай барои «ёрдам» сад ҳазор сӯм талаб мекунад. А.Ғаффоров чунин пул надоштанашро мегӯяд. Ҷонишини ҳокимро «тараҳҳумаш» омада, маблағро ба панҷоҳ ҳазор сӯм мефарорад. Аммо Абдуғаффор Абдуназаров, ки аз ин беадолатӣ ҳам дарғазаб ва ночор монда буд, ба Идораи умури амнияти вилояти Самарқанд мурочиат мекунад. Аз он ҷо диктофон мегирад... Ҳамаи «сӯҳбат», «доду гирифт» ба навори диктофон сабт мешавад. Инчунин ҳангоме, ки пас аз дастгиршавӣ дастҳои собиқ ҷонишини ҳокими ноҳияро ходимони прокуратураи вилоят мебиноанд, дар онҳо доғҳои нофармонро ошкор месозанд. Он ҳам доғҳои пули ҳаром, пора буд... Ҳамчунин ҷиноятӣ Абулқосим Абдуҳамидов бо шоҳидии Фазлиддин Гадоев, Расул Маҳмудов ва дигарон исбот гардид.

Дар мамлакати мо дар хусуси роҳ кушодан ба соҳибкорони миёна ва хурд ҳуччатҳои дахлдори ҳукумати Ӯзбекистон қабул гардидааанд. Албатта, ин ҳамаро Абулқосим Абдуҳамидов, ки ба муддати муайян аз озодӣ маҳрум карда шуд, хуб мефаҳмиду хуб медонист, зеро вай номзади илми техника, соҳиби се дипломи мактаби олӣ аст, аммо чуноне ки мегӯянд, нафси бад балои ҷон аст. Барҳаق гуфтаанд, ки як бор ҳаҷ малахак, ду бор ҳаҷ малахак, охир ба дастӣ малахак!..

Шӯҳратҷон САТТОРОВ,
прокурори ноҳияи Боғишамоли шаҳри Самарқанд, мушовири калони адлия.
Ӯктам ИБРОҲИМ,
хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».

ИНСОН ТОЛИБИ НУР АСТ

«Ҳақиқат натиҷаи тасодуми афкор аст».

Абдурауф ФИТРАТ.

Толиби мўътақиди касе нестем ба ҷуз Аллоҳ ва расули ў Муҳаммад (а.с.). Вале ғуломи санъату афкори расоем, ки инсонро зинае сўи қуллаи камолот боло мебаранд. Бар онам, ки зарро аз даҳони мор нез бояд гирифт. Аз ин рў, мақоли «Нангар, ки кӣ мегўяд, бингар, ки чӣ мегўяд» бароямон арзише дорад. Ҳарчанд мебинем, ки барои одамаконе на чӣ гуфтан, балки кӣ гуфтан аҳамият дорад. Яъне дўсташон гўяд дуруст аст, душманашон гўяд ғалат, хос гўяд рост, авом гўяд дурўғ. Ва ин гуна одамакон дар ҳамаи асру замонҳо кам набудаанд. Онҳо тани танҳо натавонистаанд ба фикри солим муқовимат нишон диҳанд. Бино бар заифӣ муттакочўстаанд, ҳалқасон ба ҳалқаҳои сусти худӣ пайвастаанд, то силсилаеро ташкил диҳанд ва ба дасту пои фикри солим ҳаштпосон банд андозанд. Бехабар аз он, ки дар ҳован об мекўбанд, хат рўи ях менависанд ва мушт ба дарафш мезананд. Зеро пирўзӣ ҳамеша бо фикри солим будааст.

Меоем ба сари ҳикмати Абдурауф Фитрат. Дар он ибораи «тасодуми афкор» ба маънои садама, ба ҳам бархўрдани афкор омадааст. Воқеан то фикру андешаҳо ба ҳам барнахўранд, перомуни мавзўе баҳсе сурат нагирад, ҳақиқат зери пардаи ғализи шубҳаву гумонҳо мемонад. Баҳси солим навъе пардабардорист аз рўи ҳақиқат. Вале гоҳо мо пардадарронӣ мекунем, ки амали номатлуб аст. Тасодуми афкорамон ба тасодуми аъсобу дасту пойҳо меанҷомад, ки аз паст будани сатҳи фитрату фикрат ва харобии ҷаҳони маънавиамон дарак медиҳад, Шарқиёни эҳсосием. Сарвари лаванди ақламон бодпои эҳсосамонро сари вақт чилавгирӣ намекунад. Хеле мехостам, ки дар ҳама соҳот паи бехбудии зиндагию фарҳанг афкори инсонро, қатъи назар аз ирку нажод ва манзилу макон ба ҳам бархўранд, то ҳақиқат зери пардаи шубҳаву гумонҳо намонад, мисли хуршед шаъшаапошӣ кунад. Зеро инсон толиби нур будааст, на зулмат.

Чанде пеш перомуни забон ва ҳусни баён баҳсе ба миён оварда будем. Ба андешаи он, ки забон сарвату дороии умумист, гумон доштем чеҳраҳои зиёде дар мубоҳиса иштирок мекунанд... Пайдост, ки имрўзҳо теъдоди маълуму муайяне дунболи илму фарҳанг ва китобу дафтар мегарданд. Баъд нодида гирифтан ва дар муқобили саҳнаҳои шадиди ҳаёт тамошогар будан одати писандидаи гурўҳе аз одамон аст.

Вале бо вуҷуди ин, Нор Остонзода, Муҳаммадҷон Шодӣ. Ҳотам Бозоров, Хушвақт Умруллаев, Ўзбекбои Раҳмон, Назруллоҳ Расулзода, Ҷаббори Ҷаббор ва қисман Амон Воҳидов дар соҳили дарёи ин баҳс санги бечон набуданд. Байни каминаву онҳо тасодуми афкор ба вуқўъ пайваст. Забон рўҳ аст ва рўҳ амонати худо. Хиёнат ба ин амонат хиёнат ба модар ва хиёнат ба худост. Ва ин рўҳ – забон бояд аз гарду олоишҳо пок бошад. Навъе ки чашмае, дарёе, бахре хушкад, мувозинати табиат халалдор мешавад, забону урфу одатҳои қавме маҳв мегардад, низоми ҷамъияти инсонӣ осеб мебинад. Аз ин диддгоҳ нашъунумўи забону урфу одати қавмҳо гарави осоиш ва нашъунумўи ҷамъияти инсонист. Имрўз ба назарам рў овардан ба эҳёи арзишҳои миллӣ навъе созгориву мувофиқат аст ба ин мувозанат. Башар ниҳоят идрок менамояд, ки ҷисману рўҳан як ҷузъи табиат ва табиат офаридаи ақли кулл, таҷаллӣ аст.

Ҳар қавме қолабҳои гуфтугўии хос дорад, ки онро табиати забон номем сахеҳтар аст. Ва қонуну қоидаҳои забон бояд аз табиати гуфтори ин ё он қавм берун оянд. Берун, ки омаданд, хеле оддиву расо ва сахл ба назар мерасанд.

Дар навиштаамон («Сухани фасеҳу расоям орзуст», «Овози тоҷик», 27.10.01) арза карда будем, ки: «Рў овардан ба насри мумтоз рў овардан ба решаҳои худӣ ва сарфу наҳви миллӣ аст. Мо имрўз бояд аз баҳри он грамматикае бароем, ки дар асоси сарфу наҳви забони русӣ ба миён омада буд».

Ва дар поёнтар навишта хулоса карда будем, ки: «Аз бар намудани беҳтарин матнҳо (илмӣ, бадеӣ, публисистӣ) – шарҳи луғат, – аз бар намудани матнҳо. Ин аст роҳи забономўзӣ. Бигзор, қавоиди забонро шогирдон як сол қабл аз хатми мактаб, ба тариқи маълумот омўзанд». Ин усул усули тоза нест ва онро кашфиёт номидан низ хатост. Шояд акси садо навиштагон ёде аз ин мавзўъ надоштанд ва баъд аз навиштаҳои камина дар печу хами афкор гардиданд. Вале солҳост, ки банда аз ин зиндон ва ё ботлох роҳи халосӣ мечўям. Борҳо усулу таҷрибаҳои мактабҳои кўҳна пеши назар омадаанд ва бо андешаҳои дигарон афкорам тасодум кардааст.

Шоир ва тазкиранигори тоҷик Низомии Арўзии Самарқандӣ фармудааст, ки агар шоири ҷавон панҷ ҳазор байт аз шуарои қадим ва панҷ ҳазор байт аз шуарои муосир шеър аз бар намояд, тавону салиқаи шеърнависӣ пайдо хоҳад кард. Пас, чаро дар асоси ин таҷриба агар шогирдони мо дар мактабҳои миёна ва донишгоҳҳо ҳадди ақал ҳазор пораи насрӣ (илмӣ, бадеӣ, публисистӣ) аз адибону олимони қадиму ҷадид ёд кунанд, нависандагӣ як сў истад, ҷумлае дуруст сохта натавонанд, ё иншои хуб нанависанд ва ё матлаберо рўшан ифода насозанд.

Баъд аз табаддулоти ибтидои асри XX дар тартиб додани сарфу наҳв ва дигар кутуби дарсии мо асосан Растаргуева барин олимони рус саҳм гирифта буданд, ки натиҷа сарфу наҳви миллӣ сахт шикаст дид. Ин амале буд даҳшатзо ва дидаву дониста. Дидаву дониста ба решаи мо теша заданд, дидаву дониста бинои арзишҳои миллиамонро хароб карданд.

(Бояд иқрор шуд, ки ба касофати он режим ҷаҳони маъмавии худи русҳо низ хеле осеб дид). Охируламр грамматикаи русӣ чӣ гуна, сарфу наҳви тоҷикӣ намуна шуд. Як мисол кифоя аст, ки ба ин гуфта боварӣ ҳосил гардад. Гирем, қоидаи феълро. Дар русӣ: «Част речи которая обозначает действие предмета называется глаголом. Глагол отвечает на вопросы: Что делать? Что будет делать? и.т.д. Тоҷикиаш: Он ҳиссаи нутқ; ки ҳаракату ҳолати предметро ифода мекунад, феъл номида мешавад. Феъл ба саволҳои предмет чӣ кор кард? Чӣ кор мекунад? ва ҳоказо ҷавоб медиҳад.

Бино ба иқрори олими дақиқназар, мутахассиси забони арабӣ Назруллоҳ Расулзода дар забони арабӣ ҳамагӣ се ҳиссаи нутқ, исм, феъл, ҳарф мавҷуд будааст. Пас, чӣ зарурат буд дар таклиди забони русӣ теъдоди ҳиссаҳои нутқро ба даҳ расондан? Дар таклиди забони русӣ сухани муаллифон дар мобайн ва охири нутқи айнан нақлшуда низ омад.

Қоидаҳои дур аз табиати забон моро то ба ҷое расонданд, ки матбаламонро бо забони худ озод баён карда натавонистем, надонистем, ки ҳадафи шоирони қадиму ҷадидамон аз ин ё он байт чӣ буд. Бовар мекунед, ман дар ҳузури як ironӣ ё афғони авом (на алоқаманди адабиёт) шеър хонам, роҳат мекунам. Зеро онҳо ба осонӣ ба хонаҳои ҳаёлам ворид мешаванд. Вале дар аудитория тоҷик шеър хонам, гумон мекунам, ки танҳо чоғу даҳонам мечунбад ва сомеон фаҳмидаю нафаҳмида ба бофтаҳоям кафкўбӣ мекунанд. Аламовар аст, ки дар лонаву оғозгоҳи забони форсӣ ҳол чунин аст. Сатҳи забондонии як навраси ironӣ ва афғон дар баробари баъзе зиёии миёнаҳоли мост.

Ҳоло чанд сухан дар хусуси акси садои Нор Остонзода. Мўҳтарам, Остонзода, хоҳиш мекунам аз эродҳо наранҷед. Табиатам чунин аст: ба сухане ё маъние сақат вохўрам торҳои асабам меларзанд ва шеваи гуфторам тағйир меёбад. Ман ба навиштаҳои мардум ҳаргиз «аз болои бом истода нанигаристаам». Ва маънии рўзнома, тавре ки шумо хулоса кардаед, на ба он маънист, ки забони навиштаҳояш умри якрўза дорад, балки ба он маънист, ки тафсилоти ҳаводиси рўзро ба мардум мерасонад. ва аз лиҳози забон ҳамаи матлабҳо дар нашрияҳо бояд фасеҳу расо ифода ёбанд. Сатҳи забондонии мардумро боло бурдан низ яке аз вазифаҳои асосии рўзномаҳост.

Баъд, хотира ҳеҷ гоҳ «панд намедиҳад» фанд доданаш мумкин. «...дар «Овози тоҷик», чуноне ки хеле вақт инчониб шуда истодааст, ғайр аз маводи ду-се нафар шоиру нависанда моли дигарон дарҷ намеёбанд» гуфтани шумо тўҳмати маҳз аст. Ин ҳарфатон хилофи сухани мухлиси фарохандеш ва дақиқназари рўзнома Ҷаббори Ҷаббор («Овози тоҷик» «Он ноқисиҳо, ки маънӣ барбод диҳанд» 4.05.02) аст, ки арза доштааст: «Сафи эҷодкорони сермаҳсулу пурдони рўзнома зиёд шудаанд, ки аз мутолиаи маводи онҳо меҳру муҳаббатамон ба рўзнома ба маротиб меафзояд». Асарро ба хотири нашр наменависанд адибони воқеӣ. Ба осиёби шўҳратгадоён об нарезед, бародар.

Боз дар навиштаатон овардаед: «Сеюм, аз нуқтаи назари болоӣ ба масъала наздик шавем, бояд ба асарҳои С. Айнӣ барин бузургони адабиётамон, ки чунин «нуқсонҳо» фаровонанд, хати баталон занем. Ман намехостам афкорам хонандаро ба сари чунин андешаҳои ангезанда баранд». Вале бурдаанд...

Хизматҳои поягузори адабиёти навини тоҷик – устод Садриддин Айнӣ дар ташаккул ва такомули адабиёт, забон, хулоса фарҳанги навини тоҷик хеле бузург аст. Мучассамаи барқаду нуронии ўро на танҳо дар хиёбони шаҳрҳо, балки дар хиёбони дили ҳар тоҷик гузорем, кам аст.

Шояд дар он айёми кач дору мареза иқдомҳои устод дар ибтидои шоҳроҳи забон ва матбуоти тоҷик дурусту барчо буданд. Як худи «Намунаи адабиёти тоҷик» кифоя аст, ки мо ба домани поки ин бузургвор намоз гузорем. «Ёддоштҳо»-и устод таъриҳи зинда, роману қиссаҳояшон мучассамаи бадеӣ ва фалсафаи рўзгори халқи моянд.

Дар масъалаи забон ва забони матбуоти тоҷик он солҳои пуршўри оғози садаи XX олимон, адибон ва зиёиён ба ду гурўҳ ҷудо шуда буданд. Бино ба шаҳодати устод Айнӣ «Касоне, ки тарафдори фикри аввалаанд, мегўянд: адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ корандаи тухми инқилоб дар Шарқи форс аст. Агар мо забони адабиёти нави тоҷикро ба забони соддаи тоҷикӣ баста монем, вазифаи байналмилалии худро адо карда наметавонем.

Касоне, ки фикри дуввумиро пеш меронанд мегўянд: вазифаи аввалини мо равшан кардани фикри авоми тоҷик, паҳн кардани илм ва дониши шўрой дар байни оммаи тоҷик ва оммагӣ кардани инқилоби маданӣ дар байни тоҷикон ест. Агар мо байналмиллалӣ мекунем гуфта, забони адабиёти тоҷикро аз доирои тоҷикон берун баорем, қисми авоми тоҷик аз ғизои дониш маҳрум мемонад. Худи ман аз тарафдорони фикри дуввўмӣ ҳастам, зеро «аввал хеш дуввум дарвеш» аз масалҳои машҳури тоҷикӣ аст.» (С. Айнӣ. «Аҳгари инқилоб». Душанбе, с. 1974. Саҳ. 105).

Ба назар чунин мерасад, ки ин ду гурўҳ лўъбатакон буданду лўъбатбоз якто. Ҳар ду гурўҳ мехоҳанд тухми инқилоб, ё илму дониши шўроиро интишор диҳанд. Ба фикрам, ин ҷо ибораҳои «тухми инқилоб» ва «дониши шўрой» ниқоб аст. Мақсади ниҳоии лўъбатакони гурўҳи аввал дар забон нигоҳ доштани меъёри умумифорсист. Лўъбатакони гурўҳи дуюм мехоҳанд меъёр умумитоҷикӣ бошад: содда, оддӣ, ҳамафаҳм. Муддаои лўъбатбоз низ ҳамин буд. Вай шираро аз ин забони ширадор рабудан, ҳалқаҳои дирўзу имрўзи халқро гусастан ва риштаҳои пайванди ҳамзабононро буридан мехост. Ва то андозае рабуду буриду гусаст ҳам. Дар назди сеҳру ҷоду ва тавону қудрати ин лўъбатбоз ҳама оҷиз буданд, аз ҷумла, падари адабиёти навини тоҷик, устоди дурандешу дурбин аллома Садриддин Айнӣ низ. Вагарна аллома хеле хуб медонист, ки қатъи назар аз меъёри умумфорсӣ ё умумитоҷикии забон дониши шўрой ба шуури хосу авом роҳ пайдо мекард ва боз хеле медонист, ки «об агар сад пора гардад боз бо ҳам ошност». Метавон дар байни давлатҳо деворҳои семонтӣ бардошт, вале дилу рўху забону фарҳанг сарҳадношиносанд...

(Давомаш дар саҳ.4)

Меҳри санъат

Дар ноҳияи Куваи вилояти Фарғона барои баланд бардоштани маҳорати санъаткорони ҳаваскор диққату эътибори калон нигаронда шудааст. Дар ин ҷо баробари дастаҳои суруду рақси «Анор», «Зебо», «Дилхироч» дастаи ҳунарии мардумии этнографии «Дўстлик» ҳам фаъолият пеш мебарад.

Дастаи ҳунарии «Анор» аз соли 1968 боз арзи ҳастӣ мекунад ва аз ин рў бисёр мухлисони худро пайдо намудааст. Аъзоёни он дар бисёр озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ иштирок намуда, соҳиби мукофоту ҷоизаҳо гардидаанд. Дастаро дар Туркия, Афғонистон, Белгия, Ҳулланд, Ҷумҳурияти Мисри Араб, Россия ва ғайра низ мешиносанд. Чунки борҳо ҳунарнамоӣ карда, ба каҳкўбиҳои мухлисон мушарраф гардидааст. Алҳол даста сафари ҳунарии худро дар Ҷумҳурияти Мардумии Чин амалӣ гардонданист.

Дар бобати шўҳрати беандоза пайдо кардани даста хизмати устоди рақс Сафура Каримова, рақкосаҳо аз як оила Саёҳат Ўрабоева, Раъно, Садоқат ва Фароғат Араббоевахо калон мебошад.

Дар сурат: рақкосаҳо **Раъно** ва **Садоқат Араббоевахо**.

Матн ва сурати Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ЎзА).

Ҳамааш дар бораи экспедитсияи Таҳористон

Баъд аз истиқлолиятро ба даст овардан дар мамлакатамон ба омўхтани торихи миллӣ, фарҳанги қадима , меъморӣ эътибори калон медодагӣ шуданд. Ба туфайли ин экспедитсияҳои илмиамон дар соҳаҳои торих, меъморӣ бозёфтҳои нав мекунанд, олимонамон бошанд, дар асоси корҳои ин экспедитсияҳо рисолаҳои беназир менависанд.

Чанде пеш нашри дуюми китоби шўъбаи торихи санъати Пажўҳишгоҳи санъатшиносии Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон «Маводҳои экспедитсияи Таҳористон. Тадқиқотҳои археологии Кампиртеппа» аз чоп баромад. Ин маҷмўи мақолаҳо таҳти таҳрири академики Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ўзбекистон Эдвард Ртвеладзе идомаи нашри муттасили натиҷаҳои ҳафриёти археологие, ки дар яке аз ёдгориҳои қадимаи мамлакатамон— қалъаи Кампиртеппа гузаронда мешавад, мебошанд.

Мавзўи вай ҷанбаҳои муҳими торихи фарҳанги моддиву ва бадеии атиқаамон ва асри миёнаи пешинро фаро мегирад, дар бобати солнома бошад, аз асрҳои охир то давраи мо то ибтидои ҳазорсолаи дуюмро дар бар мегирад. Китоб барои археологҳо, торихчиён, санъатшиносон, донишҷўён ва доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст. Нашри китоб бо ҷонибдории молиявии Оҷонсии ҳамкории байналхалқии Ҷопон — Japan International Cooperation Agency ба амал бароварда шудааст.

— Бозёфтҳои калонмиқёси мазкур имконият дод, ки ба як қатор суолҳои ба торихи фарҳанги моддиву бадеиамон алоқаманд, равшанӣ андозем, торихи пайдоиш ва тараққиёти ин нуқтаи аҳолинишинро, ки дар роҳи муҳимтарини корвонии Бохтару Суғд дар яке аз гузаргоҳҳои ба воситаи Окс воқеъ гардидааст, аз нав равшан намоем,— мегўяд олим—археологи машҳур Э.Ртвеладзе.— Бозёфтҳо моро ба ҷомаи амал пўшондани мақсадҳои қадимаамон— пурра то деворҳои иҳотавӣ кушодани тамоми майдони димна наздик карданд, ки дар таҷрибаи археологӣ дар Осиёи Миёна ва мамлакатҳои ҳамсоя бори аввал ба амал бароварда мешавад. Бояд дар назди ҳар як экспедитсияи археологӣ сарфи назар аз чи хел шавқовар будани биноҳои ҷудогона, сарфи назар аз чи хел зебо будани ҳайкалчаҳо ё ки дигар чизҳои санъат ин хел мақсад гузошта шавад.

Н.УСМОНОВА, мухбири ЎзА.



Таҷриба дар тиб муҳим аст

Дармонгоҳи маризиҳои дандони вилоятии Самарқанд 30 сол боз фаъолият дорад. Имрўзҳо дар ин маскани табобат бисёр табибони ҳозиқ меҳнат мекунанд, ки яке аз дигаре соҳибтаҷрибаву пурмаҳорат мебошанд.Онҳо табобатро бо усулҳои аз ҳама замонавӣ амалӣ мегардонанд.

Духтурони дармонгоҳ на танҳо бо табибони ноҳияҳо, балки бо олимони Пажўҳишгоҳи баланд бардоштани малакаи духтурони шаҳри Тошканд низ равобити зич доранд. Онҳо дар якҷояӣ мунтазам дар бобати амалияву услубият муодилаи таҷриба карда, ба натиҷаҳои хуб ноил мегарданд. Аз он ҷумла, ба қарибӣ ба дармонгоҳи мазкур олим-стоматологи номдори Фаронса Жон Клод Превасе ташриф оварда ва бо маслиҳатҳои муфиди худ барои беҳдошти кор саҳми худро гузошт.

—Ҳар моҳ ба ҳисоби миёна ба 10-11 ҳазор дардманд кўмак мерасонем,-мегўяд сардухтури дармонгоҳ Абдукарим Баҳодиров,—Албатта, ҷараёнҳои зиёди муолиҷа аз ҳар як духтур масъулияти калонро талаб мекунад.

Дар сурат: корманди дармонгоҳ **Мўъмин Ўсаров**.

Матн ва сурати Тоҳир НОРҚУЛОВ (ЎзА).

«Боз меоям»

Ба коргоҳи муҳаррири рўзномаи «Бухорои Шариф» ва сарвари маркази мадании тоҷикону форсҳои Бухоро «Офтоби суғдиён» Исо Рачабов ворид гардидам. Баъди пурсупос Исо ака ба ман рў овард.

Ҳоло меҳмонҳо меоянд, ҳамроҳ пешвоз гирем гуфтанд.

— Меҳмонҳо?

— Ҳа. Аз Франсия буданд.

— Бисёр хуб.

Фурсате нагузашта ду нафар духтар даромада омаданд. Баъди шиносоӣ маълум гардид, ки яке аз онҳо меҳмони фаронсавӣ, докторанти Донишгоҳи Париж Одре Лемо (Audrey Le Maolt), дигаре тарҷумондухтари маҳаллӣ будаанд.

Одре Лемо таъкид намуд, ки ў этнограф аст ва мехоҳад оиди этнографияи забонҳои мардумони Бухорову Самарқанд рисолае (кори илмӣ) иншо кунад. Рисолаи номзадии ў «Мусалмонҳои костии Испониё дар охири асрҳои Миёна» ном доштааст. Инчунин вай иттилоъ дод, ки аз шаҳри Самарқанд меояд. Он ҷо бо як гурўҳ рафиқони самарқандӣ ҳамсўҳбат гардидааст.

Сипас саволу ҷавобҳо бо сарвари маркази мадании «Офтоби суғдиён» Исо Рачабоев ва ҳозирони дигар кўр гирифт.

Оре Лемо, ки факултети таъриҳи Донишгоҳи Сорбонаи Парижро хатм кардааст, шаш сол ин ҷониб ба забони форсии дарӣ шавқ зоҳир намудааст. Дар асл мавзўи аввалаи ў ба Афғонистони шимолӣ ва шаҳри Ҳирот дахлдор буда, вале баъди воқеаҳои 11 сентябр дар ИМА вай маҷбур шудаст, ки мавзўи пажўҳишии (тадқиқотии) худро тағир диҳад.

— Ойди забони мардумони Бухорову Самарқанд бурдани кори тадқиқотӣ бароям душвор, вале шавқовар аст. Ман дар ин ду шаҳри кўҳна одамону мактабҳои гуногунро дидам. Бо мардумони тоҷику ўзбек, арманию тотор, русу эронӣ, афғону дигар миллатҳо мулоқот намудам. Маводи зиёди даркориро аз Бухоро пайдо намудам. Ҳироту Исфаҳонро дидан насиб накард, вале он чизе ки меҷустам, ба фикрам, аз Самарқанду Бухоро ёфтам. Ҷозибаи гуфтугўи мардуми раставу бозор-забони форсии тоҷикӣ маро мафтун кард, мегўяд ў.

— Оё дар Фаронса,Бухорою Самарқандро хуб медонанд?—мепурсем аз ў.

— Оре, аз минтақаи Осиёи Миёна ин ду шаҳри афсонавиро бештар медонанд.

Ман ҳоло бо як олам таассурот ба зодгоҳи худ бармегардам ва ния дорам, ба ин ҷо боз оям ва корҳои илмии худро идома диҳам,—таъкид намуд дар охир меҳмони фаронсавӣ.

Амрулло АВЕЗОВ.

Санъаткорони маҳбуби халқ

Эҷодкори сермаҳсул

Дар тарғибу ташвиқи қадриятҳои маънавию маданӣ, мероси аҷдодон хизмати аҳли санъат беқиёс аст. Дар ин бора мақоми санъаткорони куҳансол, ки давомдиҳандагони анъанаи устодони гузашта мебошанд, назаррас аст.

Яке аз актёрони намоёни театри мусиқӣ ва драмаи давлатии ба номи Муқимӣ Файзулло Аҳмадов аз зумраи он санъаткроне мебошад, ки дар даргоҳи санъати калон обу тоб ёфта, дуои ҳунарпешагони бузургро гирифтааст.

Соли 1955, баъди хатми мактаби миёна Файзулло Аҳмадов хост, ки ба Донишгоҳи давлатии театр ва рассомии Тошканд дохил шавад. Вале падараш ба ин розӣ нашуд. Инак, ў бо маслиҳати падар ба Донишгоҳи бофандагӣ ва саноати сабук ҳуччатҳояшро супурд. Аз имтиҳонҳо бомуваффақият гузашта, донишҷўи ин даргоҳи илм шуд... Дар ин ҷо ў буду шуд 2 сол таҳсил ёфту халос...

Вале меҳр ба санъат ўро дертар бошад ҳам, ба Донишгоҳи театру рассомии Тошканд овард. Соли 1958 баъди имтиҳону озмоишҳо ў ба шўъбаи навташкили драмаи мусиқии донишгоҳи мазкур қабул карда шуд. Худи ҳамон сол дар озмуне ки театри ба номи Муқимӣ эълон карда буд, иштирок намуда ғолиб баромаду маъмурияти он Файзулло Аҳмадовро ба кор таклиф кард. Он вақтҳо дар театр кадрҳои ҷавон ба тавриқофӣ набуданд. Аз ин рў бо тавсияву пешниҳодоти ў ҳамкоронаш Ҳусан Шарифов, Бахтиёр Ихтиёров ва Ҳакимҷон Носиров ҳам ба театр ба кор омаданд.

Файзулло Аҳмадов аз он хушҳол аст, ки имтиҳони дохилшавиро Раззоқ Ҳамроев барин устоди беҳамтои санъаткорон қабул кардааст. Ғайр аз он дар озмуни театр ҳам ба назари ин санъаткори пурҳунар афтидааст.

Ҳамин тариқ, Файзулло Аҳмадов таҳсилро дар донишгоҳи театрию рассомӣ бо фаъолияти эҷодӣ дар театр пайваста идома дод.Азбаски ба ҳар як вазифа бо масъулияти том рафтор мекарду дар боби иҷрои нақшҳои супурдашуда бо ҳар васила муносибати сидқидилона намуда дар офаридани онҳо эҷодкорона рафтор мекард, маъмурият ва режиссёрон ба ў иҷрои нақшҳои гуногунжанрро месупурданд. Ва ў доимо аз ўҳдаи иҷрои онҳо сарбаландона мебаромад.

Файзулло Аҳмадов дар саҳни театр сараввал дар песаи «Мавлоно Муқимӣ» (С.Абдулло) нақши эпизодӣ Исмоилкўсаро иҷро кард. Тамошобинон ҳарчанд нақши лаҳзаина бошад ҳам, ба маҳорати Файзулло баҳои баланд доданд. Меҳри мутахассисон ба актёри ҷавон боз ҳам афзуд. Инак, ў оҳиста-оҳиста сазовори боварии устодонаш ҳам дар донишгоҳ, ҳам дар театр гардид.

— Театр бароям бахти дар як саҳна кор карданро бо санъаткорони машҳур Роззоқ Ҳамроев, Лутфихонум Саримсоқова, Сойиб Хўҷаев, Маҳмудҷон Ғафуров, Абдурауф Болтаев, Фароғат Раҳматова, Эътибор Ҷалиловаро дод мегўяд, солҳои гузаштаро ёдовар шуда Файзуллоака.— Ман аз устодони саҳна сирру асрори нақшофариро омўхтам. Дар ҳар кор хоҳ дар саҳна, дар оила маслиҳату насиҳатҳои устодонро ба ёд меоварам, ба онҳо амал мекунам. Гузашти айёмро бинед, ки имрўз худ ба ҷавонон он чизеро, ки аз устодони саҳна азбар карда-ам, меомўзам. Аз бурди ҷавонон, маҳорати нақшофарии онҳо хурсанд мегардам. Мефахрам, ки дар камоли онҳо каме бошад ҳам, саҳме гузоштаам, таъкид менамояд санъаткор.

Файзулло Аҳмадов он рўзҳоеро, ки якҷоя бо Лутфихонум дар спектакли «Фарғона тонг отгунча» нақш офаридааст, ҳанўз фаромўш намекунад. Актрисаи маҳир дар нақши модари қаҳрамон Ғуломҷонро, Файзуллоака бошад, падарро ба маром рассонда иҷро карда буданд. Спектакл дар саҳнаи театр дер вақт намоиш дода шуд. Ҳар як намоиши онро азбаски нақшҳо ба маром расонда иҷро мегаштанд, бинандагон интизорӣ мекашиданд. Соли 1998 фаъолияти эҷодии Файзуллоака муносиб қадр карда шуд. Ўро муносиби унвони «Ҳунарпешаи шоистаи Ўзбекистон» диданд. Санъаткор пайваста ба эҷодаш сайқал медод. Нақшҳои асосии спектаклҳо ба ў супурда мешуд. Тамошобинон Файзуллоакаро дар нақшҳои қаҳрамонони классикӣ ва муосир медиданд. Санъаткор дар офариниши нақшҳо эҷодкорона рафтор карда онҳоро тавре бозӣ мекунад, ки режиссёрон аз «иҳтирои» ў фақат ба ваҷд меоянду бас.

Солҳои охир мухлисони санъат ўро нафақат ҳамчун ҳунарпешаи театри мусиқӣ, балки ҳамчун режиссёр ва басаҳнагузоранда ҳам медонанд. Ў махсусан дар намоишҳои театрикунондаи «Наврўз», идҳои миллӣ фаъол иштирок дорад.

Агар бо Файзуллоако сўҳбат кардани бошед, ўро аз театри ҷоноҷонаш начўед. Тавре ки мегўянд, ҳунарпеша ҳамакора аст. Ўро гоҳ дар студияи телевизион дар намоишҳои мухталиф ҳангоми иҷрои нақш бинед, гоҳо дар кумитаи радиошунавонӣ ҳангоми навишта гирифтани ҳунарпешаи маҳбуб хеле ҷаззоб мебароянд. Дар филми телевизионӣ-бадеии «Жаҳонотин Увайсӣ» Файзуллоака баробари офаридани нақши вазир Арслонбек дар айни вақт ҳамчун режиссёри дуюм низ фаъолият нишон медиҳад. Санъаткор дар хотири бачаҳо ҳамчун Бобои барфӣ, Бобои доно нақш бастааст. Дар видеофилми «Алишер Навоӣ» бобои шоири бузург-ро бо маҳорати том иҷро карда ба ҳурмати тамошобинон сазовор ғаштааст.

Дар омади ғап бояд гуфт, ки санъаткор соҳиби оилаи хушбахт ҳам мебошад. Дар оила 4 писар ва 3 духтар ба камол расида, ҳама мустақилона умр ба сар мебаранд. Набераҳои аз якдигар ширину баодоб болу пари бобои хушбахтанд. Санъаткор доимо дар ҷустуҷўаст. Ў бо орзую умедҳои офаридани нақшҳои қаҳрамонони давру замонамон бо реҷаҳои калон ҳар рўз ба театри маҳбубаш, ки ў ҳамчун хонаи дуюм аст, роҳ пеш мегирад. Кайфияти хубу осоиштагии оила , кори дўстдошта дар ин роҳ ба санъаткор болу пар мебахшад.

Т.ЮСУФОВ.

ИНСОН ТОЛИБИ НУР АСТ

(Аввалаш дар саҳ.4)

Магарам аллома Абдурауф Фитрат, бо лӯъбатакони гурӯҳи аввал мутобиқ буд, ки меъёри умумифорсиро дар забони асарҳояш риоя кардааст.

Камина дар навиштаам тут гӯям, Хушвақт Умруллоев дар акси садояш («Омӯзондани қоидаҳои забон шарт аст» «Овози тоҷик» 13.03.02) бед гуфтааст. Вай ба ҳамон грамматикаи русиасос часпида гирифтааст. Банда дар ягон ҷои навиштаам нагуфтаам, ки шоирону нависандагони мумтози мо бо риояи қонуну қавоиди забон шеъру ҳикоят сохтаанд. Онҳо дар мадрасаҳо сарфу наҳв ва омӯхтаанд ва дар навиштаҳояшон ба қоидаҳои он ба таври бояду шояд риоя намудаанд. Вале сарфу наҳви онон сарфу наҳви миллӣ буд, суханашон қолабҳои пазиро дошт.

Умруллоев аз Абдурахмони Ҷомӣ шеърро ба тариқи мисол меорад ва чунин шарҳ медиҳад: «Дар ин порчаи шеърӣ ба ҷуз образнокӣ фасеҳбаёнию сухангустарӣ ва донишмандию олиҳиммат ӣ (?) қоидаҳои грамматикӣ ҳам риоя шудааст. Ин ҷумлаи соддаи дутаркибаи чидааъзо (?) мебошад, ки мубтадояш чида шуда омадааст. Агар хонанда аз чиҳати назарӣ ҷумлаи соддаи дутаркиба ва чидааъзоро надонад, ин шеърро чӣ хел таҳлил карда маънидод мекунад?»

Бародари азиз, камина ронандаеро медонам, ки аз назарияи забон фарсаҳҳо дур аст, вале шеъри классиконро чунон маънидод ва ҳаллу фасл менамояд, ки беихтиёр даст ба гиребони ҳайрат мебаред. Шояд назараш низ аз назари дигарон фарохтар аст.

Ҳамчунин иқтибос аз мақолаи шумо: «Дар ин масъалаи баҳсталаб, аз ҷумла омӯхтан ё наомӯхтани грамматикаи забон хуб мешуд, забоншиноси варзида мӯҳтарам Мӯҳсин Умарзода ҳам фикру мулоҳизаҳои худро баён мекарданд, зеро эшон суханро дар тарозуи ақл баркашида мегӯянд ва фикру андешаҳои худро бо факту далелҳои раднопазир исбот карда медиҳанд».

Аз иқтибос бармеояд, ки Абдулло Субҳон суханро дар тарозуи ақл барнакашидаст ва андешаҳояш по дар ҳавоянд. Муаллиф аз Умарзода мадад меҷӯяд, ки доди ин сабукандешро диҳанд. Он қадарҳо медонам, ки Умарзода ба хотири ҳимояи мухлисону дӯстону мӯътақидон теша ба решаи фикри солим намезананд...

Баъзеҳо бар онанд, ки забондон будани ҳама шарт нест. Ва ғалат мекунанд. Мақсади нихоӣ аз забондон кардани мардум шоириву нависандагӣ ва алоқамандӣ ба адабиёт нест. Дар ҷамъият вазифаву нақши забон хеле бузург аст. Он омили муҳими пешрафтҳои иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангист.

Вақте ки Ҳотам Бозоров дар мақолааш («Соҳиби забон халқ аст») мегӯяд: мо каламоти «доғ» (дар доғ мононд), «баранда» (барандаи ҷоиза), «ҳайс» (ба ҳайси ҷонишини мудир), «кушоиш» (кушоиши бонки хусусӣ) ва «нигориш»-ро (нигориш аз намоишгоҳ), дар навиштаҳоямон бемавқеъ истифода мекунем, ба назарам, садояш аз соҳили ҳақиқат ба ғӯш мерасад.

Вале ҳангоме ки мегӯяд: аз истифодаи вожаҳои уток, иҷлосия, реза (чорвои реза), гумрук, ситод, салиқа, умда, убур, рушд, танзим ва ғайра эҳтироз кунед, ба дигарон фишор меоварад.

Дӯсти азиз, магарам шумо «Садои мардум» (рӯзномаи ҳукумати Тоҷикистон)-ро боре нахондаед. Забони он аз забони рӯзномаи «Овози тоҷик» мушкилтар аст. Баъзе вакилони забони мо ба хотири суд, ҷоҳу обрӯ ва дигар зарурати нопойдор, забонҳои англисӣ, немисӣ, арабӣ ва ҳоказоро нисбат ба забони худ беҳтару амиқтар медонанд. Дардовар аст ин ҳодиса, бародар. Метавон гуфт фоҷеа. Ҳол он ки шумо аз мушкиливу мураккабии ҳамагӣ чанд вожа (онҳоро метавон бо ангушт шумурд, дар забони матбуоти рӯз ба сутӯҳ омадаед.

Иқтибос аз мақолаатон: «Агар мо ба хонандагони синфҳои болоии мактаб коргар, деҳқон, боғбон, чорвопарвари рӯзномахон «мушкилро имконӣ осон кардан ҳаст. Марҳамат, ба луғатҳо рӯ оред, аз донишмандон суол кунед» гуфта маслиҳат диҳем хандаовар мебуд...». Агар дониад, ки ба ивази омӯхтан доллар мегиранд, ё ҳатман мартабаашон боло мешавад, ба дев рӯ меоваранд, аз мор суол мекунанд, луғату донишмандонро дар хобҳояшон мебинанд, дӯстам. Ин суханони шумо ба тақвияти хулосаҳои камина аст, ки гуфтаам: усули таълими забонро тағйир бояд дод, ба сарфу наҳви миллӣ рӯ оварем, забонро бо роҳи шарҳи луғот ва матназбаркунӣ биёмӯзем.

Оре, «Соҳиби забон халқ аст». Вале фаромӯш набояд кард, ки олимон, нависандагон, шоирон ва равшанфикрон низ як қисми бедор ва ҳушдори халқанд. Ва ҳаҷ доранд, ки даъвои соҳибзабонӣ кунанд.

Ғалат нест вақте ки нависем: «14 декабр маҷлиси Кенгаши Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омад. Зеро органи мазкур имрӯз чунин ном дорад: Олий Мажлис Кенгаши. Ва русҳо низ собрания Кенгаш Олий Мажлиса менависанд.

Шумо дар навиштаатон дуруст овардаед, ки: «...вақтҳои охир дар саҳифаҳои рӯзнома шеъри як шоир мансуби дигар шоир дониста мешавад, шеъри баъзе шоирон бо нуқсонҳо чоп гардида истодааст». Бале, чунин ҳол рух медиҳад. Албатта, ин амал як навъ соянданди ба бахши адабиёт ва ҳунари рӯзнома аст. Вале табиист, ки масъули адабиёт на ҳама вақт (таътил, беморӣ) маводи адабиро таҳти назорат гирифта метавонад.

Ин эроди шумо муҳокима шуд. Гунаҳкор айбашро ба гардан гирифт ва ваъда дод, ки ғуруҳои нозарурро аз сар дур мекунад.

Ба самъи шумо ва дигарон расонданиям, ки пешрафти касеро зоҳир кардан омили пешрафти худ ва ҷомеа аст. Ба тариқи мисол, агар иқдоми дурусти кӯдакро биситоед, шавкманд хоҳад шуд ва қадамҳои ба қадами аввал монандро бештар хоҳад гузошт. Муддаоям ин буд, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» комёбиҳо низ дорад. Пешрафтҳоро нодида нагиред, то беш равед, ҳамроҳи шумо ҷамъият пеш равад.

Бародари азиз, Ӯзбекбои Раҳмон, шумо ба андешаҳои камина, тавре ки худ изҳор доштаед, умуман мувофиқед. Вале афкори банда бо афкоратон дар мавриде боз тасодум карданист.

Камина аз баҳри таълими қонуну қоидаҳои забон батамом набаромадаам. Бисёр хостаам, ки шогирдон ба қабули қонуну қоидаҳои забон омода бошанд. Инсонҳои чашмикордон масолеҳи сохтмонро аввал омода месозанд, сипас биноро тарҳрезӣ мекунанд. Тасаввур кунед, ки тарҳи биноро кашидед, вале на сементу шағал ҳаст ва на хишту чӯбу шифер. Бехтарин устои дунёро оред ва гӯед, ки хона соз, наметавонад созад. Вожаҳо ба мисли чӯбу меху шағалу семонт ва хишту тахта масолеҳи сохтмонанд, қонуну қоидаҳо тарҳи бино. Дар асоси матнҳои аз бар намуда ва луғатҳои ҳазмшуда шогирдон як соли расо (дар синфи нӯҳ) сарфу наҳв омӯзанд, кифоя аст, ба назарам. Ва боистӣ он сарфу наҳв сарфу наҳви худӣ, миллӣ ва оддиву мухтасар бошад.

Баъдан дар ягон ҷои навиштаам изҳор накардаам, ки «Марги судхӯр»-у «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ, «Ривояти суғдӣ»-ву «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода, «Шоҳии япон»-ву «Палатаи кунҷакӣ»-и Фазлиддин Муҳаммадиев, осори илмии Муҳаммадҷон Шакуриву Акбар Турсун намунаи «насри хасакӣ» ва ё «забони хасакӣ»-янд. Ин хулосаи шумо мисли хулосаи Остонзода ангезанда аст. Агар афкору андешаҳои банда шуморо ба сари осори камназири онон бурда бошад, пас дар ифода нуқсе рафтаст. Дарвоқеъ санъати ифода ҳунари хеле нозук аст.

Дар Ирон чун китоби сол пазируфта шудани романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода, ба назарам, на ба хотири забони асар аст. Ҳарчанд забони ин шоҳасар нисбат ба забони романи «Навобод» ва дигар осори устод умумифорситар аст. Шоислом Шомуҳаммедов ба форсӣ тадқиқоте набурдааст, вале ба ивази хизматҳояш сазовори мукофоти байналхалқии ба номи Фирдавсӣ шуд. Баъдан забони «Ёддоштҳо» ва дигар асарҳои устод Айниро ирониён ба забони худ мутобиқ кунондаанд.

Вале ирониён, ҳарчанд ба қолабҳои миллӣ содиқ мондаанд, ин маъной онро надорад, ки забонашон батамом умумифорсист. Мисолан «дорам меравад»-и онҳо мисли «рафта истодаам», «хоб карда шиштам»-и мо хандаовар аст.

Тути пайвандӣ ва тути хасакӣ ҳар ду тутанд. Вале тути пайвандӣ бузургтар ва ширадортар аз тути хасакист. Дар ин қиёс мо забони матбуот ва забони баъзе аз нависандагони аҳди шӯравиро, бехабар аз он, ки забон ва шеваи ифодаи худамон дар кадом поя аст, ба хасакиву пайвандӣ чудо кардем.

Фазои орзуҳо ҳамеша бозу беҳудуд аст. Мурғи орзуи мо низ дар фазои сухани фасеҳу расо парвозе кард. Инсон толиби рушноӣ будааст. Бошад, ки даричаи нур боз гардад...

Аз ман пурсанд, ки дар ин росто (худуди ҷумҳурӣ) ба навиштаҳои матбуотии кӣ мутаваҷҷеҳтарӣ? Посух хоҳам дод: «Ба навиштаҳои Мӯҳсин Умарзода, Матлубаи Шоалӣ, Тӯхтамиш Тӯхтаев, Абдуназари Набӣ, Улдон Қараева, Муҳаммадҷон Шодӣ, Равшани Эҳсон, Ҷаъфари Муҳаммад, Абдусамеи Қурбониён, Ӯзбекбои Раҳмон, Ӯғилой Чӯрабоева, Юнуси Имомназар, Абдуллоҳи Тоҳириён, Назруллоҳ Расулзода...

Хеле мамнун ҳастам, ки мулоҳизаҳоям Ӯзбекбои Раҳмонро ба сари чунин хулоса овардаанд: «Ӯмуман, масоиле, ки Абдулло Субҳон доири равиш ва усулҳои таълими забону адабиёт пешниҳод мекунад, саривақтист. Бешубҳа, таълими забону адабиёт бозсозиеро тақозо дорад.

«Андеша низ бояд», 1.06.02, «Овози тоҷик».

Абдулло СУБҲОН.

Ғалабаи ситораи синамо

Ситораи машҳури синамо Ҷон Каллиниз ва нашриёти «Ганд хауз» судбозӣ карда, ниҳоят ҳисобу китоби байниҳамдигариро баробар карданд. Ҷараёни суд дуру дароз давом карда, суд ба фоидаи ситораи синамо натиҷа онро ҳал карда дод.

Суди шаҳри Ню-Йорк баъди баррасии дусоатаи охирини парвандаи мазкур чунин хулоса баровард:«Нашриёт, ки ба ситораи синамо ба тариқи ҳаққи қалам ба андозаи 1 миллиону дусад ҳазор доллар маблағ додааст, қонунӣ мебошад. Ношир бошад, баргардондани маблағро талаб мекунад. Ба фикри ношир китоб ниҳоят ба тарзи зиддиятнанда таълиф гардида, симои қаҳрамонҳо ҳам ба ҳаёт рост намеоянд».

Суд дар ҳукми худ нишон дод: азбаски китоб дар мӯҳлати таъингардида супурда, нашриёт онро қабул кардааст, даъвои онро дар бобати зиддиятнанда будани китобу ғайриҳаётӣ будани симоҳои он беасос шуморад. Аз ин рӯ акнун роман дар ҳамин шакл бояд рӯи чопро бинад.

Матбуоти Амрико менависад, ки мунозираи ҷонибҳо ҳамчун ташвиқоти асар арзёбӣ карда мешавад.

Таоми болаззат бо афюнаш будааст

Сирру асрори аз моҳии навъи фуга тайёркунии хӯроки ошпазҳои ҷопонӣ ошкор гардид. Мизоҷ баробари хӯрдани таом аз ин моҳӣ на танҳо лазиз, балки ба кас бахшидани нерӯро ҳам пай мебурдааст. Маълум гардид, ки фугаи зебо дар таркиби худ афюн дошт. Таббоҳони моҳир ҳангоми пухтани таом қисми зиёди заҳро аз он истиҳроҷ менамудаанд. Вале бо вучуди он як қисми афюн боқӣ мемондаасту боиси хушлаззат гардидани таом ва ба кас бахшидани нерӯи нав мегардидааст.

Ва ин хабар ба сарварони дастаҳои ҳуфиёнаи иқтисодиёт даст дод. Онҳо тарабхонаву қаҳвахонаҳои нав кушода, бо ҳамин мизоҷони худро хурсанд намуда, дар айни замон ба ғафс шудани ҷайбашон ноил мегарданд.

Бозёфти аҷиб

Олимони Австралия бо кӯмаки асбоби махсуси аккосӣ дар зери ҳавзаи оби Беллингаузон тасвири шаҳри аҷоиберо бардоштанд. Дастгоҳ дар чуқурии 35 газ (чуқурии ҳавза 6000 газ аст) хонаҳои бузурги чарогдор ва иншооти тухмшаклро ба сурат гирифт. Ва он филфавр овозаву дарвоза гардида, ба он диққату эътибори аҳли ҷамъият баланд гардид. Аз ин рӯ, олимони Дорулфунуни Мелбурн хостанд ба тадқиқи он шурӯъ кунанд. Аммо бо дастони холӣ баргаштанд. Зеро шаҳри «сунъӣ» ғайб зада буд. Олимон онро ягон киштии зериобӣ тахмин мекунанд.

Сайди аҷиб

Қабилаи пигмейҳои Африқо танҳо аз неъматҳои моддӣ ва моҳӣ истифода бурда, ҳаёт ба сар мебаранд. Яъне ғизои онҳоро асосан неъматҳои моддӣ ва моҳӣ ташкил мекунанд.

Турфа олам

Аъзоёни қабила моҳиҳоро бо усули ба худ хос сайд менамоянд. Онҳо барои сайди моҳӣ ба дарё ва ё кӯл дорувори номаълуми табииро мепошанд. Ва он ба муддати муайян моҳиҳоро «хоб» мекунонанд. Моҳиҳо ба рӯи об мебароянд. Аъзои қабила моҳии маъқулшударо мегиранд ва боқимонда дар муддати муайян аз хоб «бедор» шуда, зиндагонии худро давом медиҳанд.

Супориши махсус

Аз манбаъҳои таърихии солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон маълум мегардад, ки дар яке аз набардҳо дар болои танҳҳои ҳаракаткунандаи немисҳо якбора «лаълиҳои паррон» пайдо шудаанд. Ва ин ҳодисаро танкчиён ба фармондеҳи худ расондаанд.

Дере нагузашта дар фазо тайёраҳои навтарини қиркунандаи фашистон пайдо шуда, ба ҳеҷ чиз сарфаҳм нарафтанд. Чунки «ликопчаҳои паррон» чӣ тавр ноаён пайдо шуда бошанд, бо ҳамин васила «ғайб» зада буданд.

Адолф Ҳитлер аз ин ҳодиса бохабар гардида, филфавр конструкторонро ҷамъ кард ва супориш дод, ки чунин «ликопча»-ҳоро омода созанд. Ва онҳо ба таҳияи «мошини нави садаи ХХ» шурӯъ карданд. Аммо фашистон дере нагузашта мағлуб шуданду технологияи мазкур тааччубовар ғайб зад.

Уқоби пулдузд

Воқеаи мазкур дар яке аз бозорҳои калони Ар-Риёди Арабистони Саъудӣ рух дод. Яке аз ҳаваскорон ба фарзандаш ваъда дод, ки уқоб харид карда медиҳад. Нархро бо фурӯшанда аҳду паймон карду аз ҷайбаш пулро бароварда ба соҳиби он доданӣ буд, ки уқоб якбора ба пул ҷанг андохту роҳи гурезро пеш гирифт.

Баъд маълум гардид, ки соҳиби уқоб шахси айёр будааст. Ӯ уқобашро маҳз ба ҳамин усули пулстонӣ омӯзонда будааст ва онро ҷараёни истинтоқ тасдиқ намуд.

То ҳамин вақт уқоб ба рабудани маблағи сад мизоҷ «муваффақ» гардида будааст.

Мошини рӯзномахон

Дар Норвегия мошини махсусеро офарида шуд, ки барои хондани китоб ба нобиноён аз наздик кӯмак мерасонад. Вай аз чиҳати сохт ба мошини дарздӯзӣ монанд буда, нашри дилхохро ба овози баланд «хонда» метавонад. Фақат саҳифаҳои нашрия ғиҷим нагардида, ба ин мошин дуруст ҷойгир карда шаванд, бас аст. Мошин дар давоми як дақиқа аз 100 то 150 калимаро «мутолиа» карда метавонад.

Ҳамқадами парвоз

Дар китоби «Рекордҳои Гиннес» номи ҷонварҳои зиёде оварда шудааст, ки яке аз дигар тезпарвозу серҳаракат. Якеи он шахи чирчиракҳои ҷазираи Зонди Бузург мебошад.

Чирчираки мазкур 6,5 сантиметр қад дорад, дарозии болҳояш 18 сантиметр. Лекин чирчиракҳои амрикӣ хурд бошанд ҳам, дар овоз аз онҳо бартарӣ доранд. Овози онҳо ҳамқадами парвоз мебошад.

Таъсири хониши чирчиракҳо ба инсонҳо як хел нест. Юнониёни қадим аз садои хониши онҳо роҳат мекарданд, вале румиён тоқати шунидани овози чирчиракҳоро надоштанд.

Садои қурбоққаҳои ҷангали Пуэгро-Рика ба 108 дитсебал баробар будааст, ки ин хеле баланд мебошад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки аксари онҳо барои даъвати ҷинси муқобил хеле хониш мекардаанд. Зеро майлу хоҳиши ҷуфтшавӣ дар дили онҳо ҳамешагист.

Имтиёз ба беморон

Дар таътили беморӣ шведҳо пешсафанд. Зеро ҳукумат барои аҳолӣ имтиёзи зиёде додааст. Масалан, дар шаш рӯзи аввали беморӣ ҳаққи меҳнат сад фоиз дода мешавад. Ба рӯзҳои аз он зиёд ба андозаи 90 фоиз дастмузд дода мешавад. Ба ҷуз ин дардмандон аз рӯи варақаи беморӣ доруву дармонро аз дӯконҳо ба андозаи 50 фоизи арзишаш харид карда метавонанд.

Навгониҳои варзиши ҷаҳон

Каспаров—пешқадам

Шоҳмотбози россиягӣ Гарри Каспаров аз рӯйхати таснифи шоҳмоти ҷаҳонӣ пешсафиро аз даст намедиҳад. То 1 июл ҳоли умумии ӯ ба 2838 расид. Аз рӯи таснифи ФИДЕ ҷои дуюм ҳам насиби шоҳмотбози россиягӣ Владимир Крамник мебошад. Вай 2807 хол дорад. Ҷои сеюмро Вишванатан Ананди ҳиндустонӣ ишғол мекунад. Холҳои ҷамъовардаи ӯ ба 2743 баробар аст. Ҷойҳои минбаъдаро Майкл Адамои англиягӣ, Васнели Топалови булғорӣ, Руслан Пономарёви украинӣ ишғол менамоянд.

Ҳамшаҳриамон, гроссмистри тоифаи байналхалқӣ Рустам Қосимҷонов бошад, аз байни бист шоҳмотбози беҳтарини ҷаҳон ҷо пайдо кардааст.

Соҳиби ақл зӯр аст ва ё маҳсули ақл?

12 октябри соли кунун дар давлати Баҳрайн шоҳмотбози россиягӣ Владимир Крамник бо барномаи компутерии «Дип фрист» мусобиқа мебарад. Аз рӯи маълумотҳо маълум мегардад, ки компутери мазкур дар давоми як сония 4 миллион гаштро таҳлил карда метавонад. Дастури мазкур охири моҳи кунун барои ошно гардидан ба Владимир Крамник пешкаш мегардад.

—Инсон ба чӣ имконият молик будани худро намоиш доданаш лозим. Барои ин ба вай лозим меояд, ки аз болои компутере ғолиб кунад, ки маҳсули ақли инсоният ба ҳисоб меравад. Ва барои ичрои ин вазифа ноил хоҳад гардид,—мегӯяд В.Крамник.

Фоида аз фурӯши футболбоз

Тими «Ланс»-и Фаронса бо нимҳимоятгарӣ яккачини Мисриён Муҳаммад Баракат музокиротро давом медиҳад. Тарафи Фаронса ба ин футболбоз 1 миллион доллар доданист. Ва он барои фаронсавиён маблағи он қадар калон нест. Зеро баъди ба анҷом расидани мусобиқоти навбатии ҷаҳони аз рӯи футбол тими «Ланс» аз фурӯши Диуфи сенегалӣ чордаҳуним миллион доллар фоида дид. Зеро Диуфро тими мазкур ҳамагӣ ба 500 ҳазор доллар харида, онро ба ивази 15 миллион доллар фурӯхтааст.

Кӯмак ба иқтисодиёт

Собиқ Нахуствазири Куриёи Ҷанубӣ Чон Ер Чер оиди натиҷаҳои мусобиқоти ҷаҳон фикру мулоҳизаҳои хеҳро баён намуд. Аз гуфтаҳои собиқ Нахуствазир маълум мегардад, ки дар мусобиқоти ҳафдаҳуми ҷаҳон аз рӯи футбол мамлакати ӯ 14 миллион доллар фоида дидааст. Дар айни замон даҳ варзишгоҳи замонавии футболбозӣ сохта шуда, дар бобати кушоиши маршрутҳои нави сайёҳӣ ҳам нақши калоне бозид ва он албатта, ба фоидаи иқтисодиёт аст. Мусобиқоти ҷаҳон барои дар мамлакати ӯ кушодани 356 ҳазор ҷои иловагии кор кӯмак расонд.

Ҳар кадом 250 ҳазорӣ

Аъзоёни футболбози тими яккачини Куриёи Ҷанубӣ, ки ба мусобиқаи нимфиналӣ баромаданд, аз ҷониби ҳукумати худ муносиб тақдир мегарданд. Аз маълумотҳое, ки Федератсияи футболи мамлакати мазкур паҳн кардааст, маълум мегардад, ки ба ҳар як футболбоз ба тариқи мукофоти иловагӣ 300 миллион вон, яъне 250 ҳазор доллари ИМА дода мешавад. То ҳол дар ин бобат тахминҳои бисёре баён гашта буданд. Федератсияи футболи мамлакат бо қарори мазкури масъалаи мазкурро ҳаллу фасл кард. Ва он ба назар маблағи кам нест.

Анҷоми озмун — азназаргузаронӣ

Озмун-азназаргузаронии «Истиқлол кӯшиқлари», ки дар низоми Вазорати фарҳанги ҷумҳурият бахшида ба ёздаҳсолагии истиқлолият гузаронда шуд, анҷом ёфт. Дар ин марҳила он ғолибоне иштирок намуданд, ки дар марҳилаҳои вилоятӣ, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва шаҳри Тошканд ғолиб омада буданд.

Дар озмун-азназаргузаронӣ намояндаи вилояти Самарқанд Турсуной Ҷӯраева бо суруди худ «Ватан сотилмас» ғолиб дониста шуд ва ҳуқуқи дар марҳилаи ҷумҳурии иди суруд таҳти унвони «Ӯзбекистон—Ватаним маним» иштирок намуданро пайдо намуд.

Ҷойҳои дуюм насиби намояндагони вилояти Навоӣ Ойдин Алиева, Сирдарё Дилрабо Алибекова, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон Земфира Ченгибоева, сеюм насиби вакилони вилояти Андиҷон Маҳсуна Ёқубова, шаҳри Тошканд Мирзоаҳмад Қодиров, дастаҳои ҳунарии суруду рақси «Анор»-и вилояти Фарғона ва «Гулшан»-и вилояти Қашқадарё гардид.

Умид Воҳидови бухорогӣ, Ислом Худоёрови сурхондарёгӣ соҳиби мукофоти ҳавасмандгардонӣ гаштанд.

Як гурӯҳ ҳунарварон ҳамчунин бо ифтихорномаи Вазорати фарҳанг тақдир гардиданд.



Истиҳати тобистона

Ҳаллу канор надорад

Дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд алҳол беш аз 40 маскани истироҳат барои мактаббачагон фаъолият пеш мебарад. Мувофиқи тадбири пешбинигардида дар ин истироҳатгоҳҳо мебояд қариб 11 ҳазор нафар мактаббачагон дар се баст истироҳат кунанд. Дар байни онҳо мухассилин аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм низ мебошанд, ки минтақаи аз нигоҳи экологӣ алҳол мураккаб ба ҳисоб меравад.

Аз он ҷумла, дар мавзеи «Оқтош»-и ноҳияи мазкур истироҳатгоҳҳо таҳти унвонҳои «Геолог», «Келажак», «Алоқачӣ» ва ғайра фаъолият доранд, ки дар онҳо фарзандони кормандони соҳаи геология, алоқа ва саноати сабук истироҳат менамоянд. Масалан, дар истироҳатгоҳи «Келажак», ки мансуби корхонаи муштараки ӯзбекистониву чехии «Кенаф» мебошад, дар се баст ҳазор нафар истироҳат мекунанд. Барои онҳо кулли шароит фароҳам оварда шудааанд. Барномаҳое таҳия гардидааанд, ки дар худ гузарондани озмуну азназаргузаронии мухталиф, ҳар гуна бозиҳоро дар ҳавои софи кушод дар бар гирифтааст. Маҳфилҳои мухталиф имкон медиҳанд, ки бачагон аз сирру асрори касбу кори мухталиф, санъату фарҳанг бохабар гарданд.

—Аз рӯзҳои аввали истироҳат хушу хурсандии истироҳаткунандагон ҳадду канор надорад,— мегӯяд сарвари истироҳатгоҳи мазкур Зулфия Абдураҳимова.—Зеро онҳо баробари сайру саёҳат ба масканҳои зебо, нафас кашидан аз ҳавои софу бахрабардорӣ аз оби мусаффо дониши худро дар бораи табиати Ватани маҳбуб ғанӣ мегардонанд, бо суратакашӣ машғул мегарданд. Дар маҳфилҳои мухталиф иштирок намуда, маҳорати худро намоиш медиҳанд.

Чунин тадбирҳоро дар истироҳатгоҳҳои «Алоқачӣ» ва «Геолог» ҳам амалӣ мегардонанд. Аз ҳамин сабаб аз кӯҳтагии бачагон, алалхусус мактаббачагон қароқалпоқистониву хоразмӣ ному нишоне намондааст.

Номгӯи хӯроки бачагон ҳам зиёд аст. Ошпазон ҳаракат мекунанд, ки бачагон аз хӯрокҳои лазизу сермоя баҳра бардоранд, баробари вазн пайдо кардан, саломатии худро барқарор намоянд. Бо кӯмаки васоятгарон ва ҳомиён тадбирҳои мухталиф амалӣ гардонда мешаванд ва онҳо дар хотири авлоди наврас як умр нақш хоҳад баст.

Дар суратҳо:1. Сарвари истироҳатгоҳи «Келажак» З.Абдураҳимова дар ҳалқаи мактаббачагон. **2.** Як гурӯҳ истироҳаткунандагон аз истироҳатгоҳи «Алоқачӣ». **3.** Ҳангоми тановули хӯроки лазиз дар «Геолог».

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Пеш аз сафар

Соли ҷорӣ дар шаҳри Пусани Куриёи Ҷанубӣ бозиҳои Х1У Осиё шуда мегузаранд. Ба муносибати ин дар меҳмонхонаи «Лотте Ҳотел» қурҳапартоӣ аз рӯи мусобиқоти футбол ба амал омад. 24 тими яккачини қитъаи мо ба шаш гурӯҳ тақсим шуда, барои ҷоиза ба майдон мебароянд.

Мувофиқи қурҳапартоӣ дар гурӯҳи «А» футболбозони Куриёи Ҷанубӣ ва ҷазираҳои Малдив 27 сентябр мусобиқаҳоро сар мекунанд. Дар ин гурӯҳ инчунин ҷамоаҳои яккачини Уммон ва Малайзия низ ба майдон мебароянд. Аз ҳоло аксарияти мутахассисон ҷамоаи яккачини Куриёи Ҷанубиро, ки дар талошҳои ҷаҳонии ба қарибӣ шуда гузашта ба мусобиқаҳои нимфиналӣ баромада буданд, ҳамчун даъвогари асосии медалҳои тиллоии бозиҳои Осиё меҳисобанд.

Нисбати ҷамоаи яккачини гурӯҳи «В», ки ба давраи минбаъдаи мусобиқаҳо роҳнома мегирад, ягон чиз гуфтан ҳоло маҳол аст. То ҳанӯз тимҳои яккачини Аморатҳои Муттаҳидаи Араб, Таиланд ҷамоаҳои миёнаҳол ба ҳисоб мераванд. Дар гурӯҳи мазкур ҷамоаҳои яккачини Ветнам ва Яман низ талош мекунанд.

Футболбозони Туркманистон, иштирокчии чемпионати ҷаҳон—ҷамоаи яккачини ҶХҶ ва футболбозони Ҳиндустону Бангладеш гурӯҳи «С»-ро ташкил медиҳанд. Аксарият маҳорати футболбозони Чинро воло мегузоранд.

Агар гӯем, ки талошҳои бозиҳои Осиё аз рӯи футбол махсусан дар гурӯҳи «Д» тезу тунд мегузаранд, ҳеҷ касро ба тааччуб намеоварад. Аз ин рӯ он фактро, ки ҷамоаи яккачини мо мувофиқи қурҳапартоӣ аз ин гурӯҳ ҷой гирифт ба ҳисоб гирем, нисбатан табъи дил нест. Зеро ба футболбозони мо бар зидди соҳибони мусобиқоти шудагузаштаи ҷаҳон аз рӯи футбол ба майдон баромадан рост меояд. Ҳама дар ёд доранд, ҷамоаи Ҷопон дар мусобиқоти ҷаҳонӣ хуб тӯбронӣ кард. Ғайр аз ин тими яккачини Ӯзбекистон бо ҷамоаҳои Баҳрайн ва Урдун низ барои ҷоиза талош хоҳад кард.

Дарвоқеъ, бозиҳои Осиё ягона имкониятe буд, ки футболбозони мо бомувафақият зӯрозмоӣ карда буданд. Соли 1994 тими яккачини мо, ки дар ҳайати он Мирчалол Қосимов, Азамат Абдураимов, Игор Шквирин, Шӯҳрат Мақсудов, Юрий Шейкин бозӣ карда буданд, ҷамоаҳои беҳтарини қитъа—тими яккачини Арабистони Саъудӣ, Куриёи Ҷанубӣ ва Чинро маглуб сохта, чемпиони бозиҳои ХП Осиё гашта буданд. Хулласи калом,ҷамоаи яккачини мо дар бораи мусобиқаҳои байналхалқӣ таҷрибаи кофӣ дорад...

Тими яккачини Эрон—ғолиби бозиҳои Осиё дар Бангкок вохӯрии аввалинро дар гурӯҳи «Е» бо ҷамоаи Мӯғулистон мегузаронад. Дар талоши дуюм футболбозони Катар ва Лубнон ба майдон мебароянд. Ҷамоаи Кувайт бошад, дар гурӯҳи «Ғ» бо тими яккачини Тоҷикистон қувваозмоӣ мекунад. Дар гурӯҳи мазкур инчунин ҷамоаҳои яккачини «Сянган»(Ҳонконг) ва Покистон вомехӯранд.

(ӮзА).

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 643.

Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **Т. ТӮХТАЕВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. Тухтаева.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.